# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни забони тоҷикӣ
## (қисми А)

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

<u>**Варианти 1**</u>

**1. Дар кадом гурӯҳи калимаҳо ҳарфи ъ (аломати сакта) афтад, калима маънои дигар пайдо мекунад?**

A) аъзам, фаъол B) шамъ, васеъ C) эълон, таърих D) раъд, суръат

**2. Дар калимаҳое монанди *"ангиштсанг"*, *"баландқомат"*, *"бистнафарӣ"* ҳодисаи фонетикии афтидани овоз дар кадом ҳолат мушоҳида мешавад?**

A) ҷойивазкунии овозҳо
B) пайиҳам омадани ду-се ҳамсадо
C) тағйир ёфтани талаффуз
D) монандшавии овозҳо

**3. Дар матни зерин имлои кадом калимаҳо нодуруст аст?**
***Аз Йусуфӣ исбот пурсидаанд, ки ғойати тавозуъ чист?***
***Гуфт: – Он ки аз хона бурун ойӣ ва ҳар киро бинӣ, чунон донӣ, ки беҳтар аз туст.***

***(Аттор)***

A) Йусуфӣ, ғойат
B) пурсидаанд, гуфт
C) он ки, ҳар киро
D) тавозуъ, беҳтар

**4. Калимаҳои *"мувофиқ"* ва *"муносиб"*, *"хоксор"* ва *"фурӯтан"*, *"ситампеша"* ва *"золим"* байни ҳам аз ҷиҳати маъно чӣ гунаанд?**

A) ҳамреша
B) сермаъно
C) ҳаммаъно (синоним)
D) зидмаъно (антоним)

**5. Кадоме аз ин воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо) маънои *"шахси бадгуҳар ва беманфиат"*-ро ифода мекунад?**

A) хори сари девор
B) гули сари сабад
C) нахӯди пеши қошуқ
D) ба оши тайёр баковул

**6. Матни зерин дар кадом услуб навишта шудааст?**
***"Дӯсти мушфиқу меҳрубонам! Номаат ҳангоме расид, ки пас аз як ҳафта беморӣ ва истироҳат аз хона барои ҳавохӯрӣ ба берун мерафтам."***

A) услуби илмӣ
B) услуби бадеӣ
C) услуби публисистӣ
D) услуби расмӣ

**7. Имлои кадом гурӯҳи исмҳо дуруст аст?**

A) норак, роғун
B) худо, нодир
C) сапеда, бомдод
D) ҷумҳӯрӣ, кишвар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**8.** **Дар кадом сатр имлои нумеративҳо дуруст нест?**

A) як-ду бех ниҳол, се-чор дона чормағз, ду-се дарза алаф
B) 3-то дарвоза, 4-то ҳавлӣ, 5-то бӯстонсаро
C) якто китобхона, панҷоҳу ду нафар корманд, дусад нусха маҷалла
D) ду дона китобҳо, як даста гулҳо, ду нафар донишҷӯён

**9.** **Дар байти зерин калимаи *“банда”*-ро бо кадом ҷонишин иваз кардан мумкин аст?**

*Банда, имрӯз панҷ рӯз гузашт,*
*Ки бар ин деҳа мезанам фарёд. (С. Соваҷӣ)*

A) Мо B) Ман C) Ту D) Вай

**10.** **Дар кадом гурӯҳи ибораҳо сифатҳо дар дараҷаи олӣ ифода ёфтаанд?**

A) марди чеҳракушод, пири солхӯрда
B) духтари абрӯкамон, зани қоматбаланд
C) калонтарин шаҳр, наздиктарин дӯст
D) кори дусоата, танаффуси нисфирӯзӣ

**11.** **Дар номи кадом асар шумораи таркибӣ омадааст?**

A) “Ҳазору як шаб”
B) “Чор унсур”
C) “Ҳафт пайкар”
D) “Панҷсад ҳадис”

**12.** **Тарзи навишти кадоме аз ин ибораҳо дуруст нест?**

A) дафъи бало B) мавзӯъи дарс C) табъи хуш D) навъи пахта

**13.** **Ибораи *“китобро хондан”* бо кадом восита сохта шудааст?**

A) бо бандаки изофӣ
B) бо пешоянд
C) бо пасоянд
D) бо пешванд

**14.** **Дар кадом маврид дар охири ҷумла сенуқта гузошта мешавад?**

A) Агар ҷумла оҳанги пурсиш дошта бошад.
B) Агар ҷумла мазмуни хабарӣ дошта бошад.
C) Агар оҳанги баён баланд ва амрӣ бошад.
D) Агар ҷумла нопурра бошад.

**15.** **Дар ҷумлаи *“Пас аз омӯхтани илмҳои мантиқ, табииёт, фалсафа ва нуҷум ба ёд гирифтани илми тиб рағбат намудам”* кадом аъзои он чида шуда омадааст?**

A) мубтадо B) хабар C) муайянкунанда D) пуркунанда

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**16.** **Дар байти зерин хабар дар кадом замони гузаштаи феъл ифода ёфтааст?**

*Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,*
*Ба доман чанг мезад рӯди кӯҳӣ. (М. Турсунзода)*

A) замони гузаштаи дур
B) замони гузаштаи ҳикоягӣ
C) замони гузаштаи наздик
D) замони гузаштаи нақлӣ

**17.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред.**

*… меваҳо тез пазанд, зимистон барвақт меояд.*

A) Ҳамин ки
B) Зеро ки
C) Агар
D) Азбаски

**18.** **Ҷумлаи зеринро аз рӯйи мазмун пурра кунед:**

*Ҳама меҳнатро вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморанд, чунки …*

A) меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ
B) меҳнат накунӣ, нон намехӯрӣ
C) меҳнат асоси зиндагии инсон нест
D) меҳнат асоси зиндагии инсон аст

**19.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта калимаи мувофиқи ба вазифаи пасоянд омадаро гузоред:**

*Ба ҳавлӣ расидан ... ба таги себ тохтем.*

A) барин
B) замон
C) интараф
D) инҷониб

**20.** **Вобаста ба мувофиқати замонии мубтадо ва хабар ба ҷойи сенуқта феълҳои мувофиқро гузоред.**
*Пас аз вафоти Хоҷа Умар Илёси ҷавон илмҳои замонаро ... ва ба зиндагии мустақилона қадамҳои устувор ...*

A) омӯхт, гузошт
B) меомӯхт, мегузошт
C) омӯхта, гузошта истодааст
D) меомӯзад, хоҳад гузошт

**21.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо зарфи миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:** *Хонанда аз ҷавоби худ … хурсанд буд.*

A) зиёд
B) кам-кам
C) бағоят
D) як миқдор

**22.** **Аз муродифҳои луғавӣ истифода намуда, ҷумларо пурра кунед.**

*Абӯалӣ ибни Сино соли 1037 аз бемории шадид бо ин ҷаҳон …*

A) вафот кард
B) даргузашт
C) тарк кард
D) падруд гуфт

**23.** **Байти зерини Устод Рӯдакӣ кадом маъниро бозгӯйӣ мекунад?**

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.*

A) Дониш чароғи роҳи зиндагист.
B) Таҷрибаи зиндагӣ беҳтарин омӯзгор аст.
C) Омӯзгорро эҳтиром бояд кард.
D) Аз омӯзгор ҳеч кас ҳеҷ чиз наомӯзад.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**24.** **Кадоме аз шарҳҳои додашуда ба мисраи якуми байти зерини Абулқосими Фирдавсӣ мувофиқ аст?**

*Тавоно бувад, ҳарки доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

A) Аз тавоноӣ инсон ба доноӣ мерасад.
B) Ҳар кас ки тавоно аст, доно аст.
C) Донишмандии инсон маҳз дар тавоноии ӯст.
D) Қудрату тавоноии инсон маҳз дар дониш аст.

**25.** **Ба имлои ҳарфҳои *"у"* ва *"ӯ"* диққат дода, барои ҳар калимаи сутуни якум аз сутуни дуюм шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

| | |
|---|---|
| A) бур | 1) исми ҷинс: порчаи оҳаксанг |
| B) бӯр | 2) сифат: нодон, бефаҳм |
| C) гул | 3) сифати феълӣ: сифати амал |
| D) гӯл | 4) исми кул(л): номи умумии ашё |
| | 5) асоси феъл: пора кардан |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**26.** **Ба кадом услуби баён мувофиқ будани ҷумлаҳои сутуни якумро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| A) Мара очам сохтаст-ку!? | 1) услуби илмӣ |
| B) Сараъзоро асоси ҷумла меноманд. | 2) услуби расмӣ |
| C) Диққат! Имрӯз соати 16:00 дар маҷлисгоҳи мактаб бо адиби шинохта Хаёлӣ вохӯрӣ баргузор мегардад. | 3) услуби бадеӣ |
| D) Биное ва нобиное дар роҳ рафиқи сафар буданд ... | 4) услуби гуфтугӯӣ |
| | 5) услуби публисистӣ |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**27.** **Ба кадом маънои маҷозӣ истифода шудани иборaҳои сутуни якумро аз сутуни дуюм нишон диҳед:**

| | |
|---|---|
| A) дили кашол | 1) дили бераҳм, бешафқат |
| B) дили пурхун | 2) дили осуда, хотирҷамъ |
| C) дили сангин | 3) дили бесабру қарор |
| D) дили танг | 4) дили боумед, моил ба чизе |
| | 5) дили ғамгин, пурдарду алам |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**28.** **Аз калимаҳои сутуни якум ва сутуни дуюм истифода намуда, ибора созед:**

| | |
|---|---|
| **A)** аъзо | **1)** мушкилот |
| **B)** суръат | **2)** бисёр |
| **C)** нафъ | **3)** маҳфил |
| **D)** рафъ | **4)** маҷалла |
| | **5)** баланд |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**29.** **Ба ҷойи сенуқта (ба истиснои қавс) аз сутуни дуюм зарфҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ҷурҷонӣ аз камоли мондагӣ ... нафас мегирад. | **1)** базӯр-базӯр |
| **B)** Вера ва Шодигул … қадам монда рафтанд. | **2)** рӯз то рӯз |
| **C)** Ёдгор шунидаҳояшро ... ба Гулнор нақл кард. | **3)** ягон-ягон |
| **D)** Аз рӯйи гуфтаҳои онҳо муҳаббатам дар ҳаққи Аҳмадмахдум ... зиёдтар (...) мегардид. | **4)** шунидан замон<br>**5)** оҳиста-оҳиста |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**30.** **Маълумоти дар ду сутун додашударо тавре ба ҳам пайваст намоед, ки мувофиқан матни мухтасар доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абӯалӣ ибни Сино ҳосил шавад:**

| | |
|---|---|
| **A)** Сино вақте ба даҳсолагӣ расид, | **1)** Қуръон ва миқдори зиёде аз илми адабиётро ёд гирифта буд. |
| **B)** Илми ҳисобро | **2)** ҳалли масъаларо дар хоб медид. |
| **C)** Дар камтарин фурсат | **3)** илми тибро фаро гирифт ва беморонро парасторӣ мекард. |
| **D)** Бисту се асари Ибни Сино | **4)** аз марде, ки сабзӣ мефурӯхт, ёд гирифт. |
| | **5)** ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст. |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

## Варианти 2

**1.** **Дар кадом гурӯҳи калимаҳо бо иваз намудани ҳарфи аввал (ба ҳамсадоҳои ҷуфт) маънои калима тағйир меёбад?**

A) синф, сафед, калон
B) банд, ваҳм, фасл
C) фарш, деҳа, соз
D) баҳр, лаб, бисёр

**2.** **Ба имлои калимаҳое, ки дар таркибашон садоноки *"ӯ"* ва *"у"* доранд, диққат диҳед. Кадоме аз ин калимаҳо маънои *"аҳмақ"*, *"нодон"*-ро дорад?**

A) кӯл
B) кул
C) гӯл
D) гул

**3.** **Дар ҷумлаи зерин имлои кадом калимаҳо нодуруст аст?**
***Оби баҳру уқйонусҳоро истеъмол кардан мумкин нест, зеро дар онҳо моддаҳои химийавии барои тансиҳатии одам зийоновар бисёр ҳастанд.***

A) уқйонус, химийа, зийоновар
B) об, бахр, истеъмол кардан
C) тансиҳатӣ, одам, бисёр
D) онҳо, моддаҳо, тансиҳатӣ

**4.** **Кадом гурӯҳи калимаҳо ҳаммаъно (муродиф, синоним) ҳастанд?**

A) қалам, рангдон, килк
B) меҳр, хуршед, офтоб
C) шона, ток, боз
D) хубӣ, шодӣ, зебоӣ

**5.** **Дар ҷумлаи *"Онҳо ҳеҷ гоҳ ба шаъни оила, диёр ва халқашон иснод наоварда, бо ҷонбозиҳои худ сари моро ба осмон мерасонанд"* ифода (таъбир)-и *"сари моро ба осмон мерасонанд"* ба кадом маънӣ омадааст?**

A) Сари моро то ба осмон баланд мебардоранд.
B) Қадди мо баланд мешавад, сарамон ба осмон мерасад.
C) Моро иззату эҳтиром мекунанд, мо хурсанд мешавем.
D) Моро хурсанд мекунанд, мо аз онҳо ифтихор мекунем.

**6.** **Услуби кадоме аз навиштаҳои зерин публисистӣ аст?**

A) мақола, очерк
B) ҳикоя, повест
C) номаи падар ба писар
D) шарҳи ҳол (автобиография)

**7.** **Дар кадом сатр имлои шумораҳо дуруст нест?**

A) як-ду, се-чор, панҷ-даҳ, даҳ-бист
B) панҷо, ҳафтот, ҳаштот, нават
C) сеяк, чоряк, шашяк, аз панҷ ду
D) ду дона китоб, як даста гул, ду нафар донишҷӯ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**8. Дар кадом гурӯҳ исмҳо дар шумораи ҷамъ омадаанд?**

A) шубон, меҳмон, корвон
B) оҳувон, қувон, булбулон
C) гулистон, оташдон, намакдон
D) тобистон, зимистон, Меҳргон

**9. Дар кадом гурӯҳи ибораҳо сифатҳо дар дараҷаи олӣ ифода ёфтаанд?**

A) марди чеҳракушод, пири солхӯрда
B) духтари абрӯкамон, зани қоматбаланд
C) шаҳри хеле калон, дӯсти аз ҳама наздик
D) кори дусоата, танаффуси нисфирӯзӣ

**10. Дар байти зерин калимаи *"эшон"*-ро ба кадом ҷонишин иваз кардан мумкин аст?**

*Сиёвуш чу рухсори эшон бидид,*
*Зи дил боз оҳи дигар баркашид. (А. Фирдавсӣ)*

A) онҳо
B) шумо
C) ман
D) мо

**11. Дар номи кадом асар шумораи мураккаб омадааст?**

A) "Ҳазор тарона"
B) "Ҳазору як шаб"
C) "Ҳафт пайкар"
D) "Панҷсад ҳадис"

**12. Мисраи зерини Фирдавсӣ кадом хели ҷумлаи сода аст?**

*Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор …*

A) ҳикоягӣ
B) саволӣ
C) амрӣ
D) хитобӣ

**13. Дар ҷумлаи зерин хабар *(зинда кардааст)* дар кадом замони гузаштаи феъл ифода ёфтааст?**

***"Шоҳнома" асарест, ки Фирдавсӣ ба воситаи он таърихи чандинасраи гузаштаи халқи моро зинда кардааст.***

A) замони гузаштаи нақлӣ
B) замони гузаштаи ҳикоягӣ
C) замони гузаштаи наздик
D) замони гузаштаи дур

**14. Ба ҷойи сенуқта феъли ҳоли мувофиқро гузоред.**

*Модар ... духтарчаашро мехобонд.*

A) пичирросзанон
B) аллагӯён
C) гапзанон
D) хандону шукуфон

**15. Аз муродифи луғавии мувофиқ истифода намуда, ҷумларо пурра кунед.**

*... , ки Ҷомӣ зимистону тобистон ҷомаи одии пахтагин мепӯшиданд.*

A) Нақл мекунанд
B) Баён мекунанд
C) Гуфта медиҳанд
D) Иброз медоранд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**16.** **Ба ҷойи сенуқта сифати мувофиқро гузоред.**
*Олим, файласуф, табиб ва шоири ... Абӯалӣ ибни Сино 23 асарашро ба забони форсии тоҷикӣ навиштааст.*

**A)** калон **B)** азим **C)** бузург **D)** кабир

**17.** **Ба ҷойи сенуқта феъли мувофиқро гузоред, ки хабар ба мубтадо мутобиқат кунад.**
*Соли 1980 дар шаҳри Душанбе 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино ...*

**A)** ҷашн мегиранд
**B)** ҷашн гирифтанд
**C)** ҷашн гирифта мешавад
**D)** ҷашн гирифта шуд

**18.** **Ҷумларо аз рӯйи мазмун пурра кунед.**
*Ҳофиз чунон форам месуруд, ки …*

**A)** ба дили кас ғаму андӯҳ ҷой мекард
**B)** ба кас ҳаловат мебахшид
**C)** ба дили ҳеҷ кас намеғунҷид
**D)** ҳама зери лаб такрор мекарданд

**19.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта феъли ҳоли мувофиқро гузоред:**
*Мӯзаҳои ялтосиашро ... пасу пеш рафта меомад. (Р. Ҷалил)*

**A)** пичирросзанон
**B)** ғуррросзанон
**C)** хорон-хорон
**D)** ғарч-ғарчкунон

**20.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо аз ҷуфтҳои синонимии додашуда мувофиқашро гузоред: *"Китоб дӯсти ... инсон аст."***

**A)** хубтари
**B)** аз ҳама хубтари
**C)** беҳтарини
**D)** аз ҳама беҳтари

**21.** **Ҷумларо бо мувофиқати замонии хабар ва мубтадо пурра кунед:**
*Бобак фикр карда аз "Шоҳнома" байтҳои дахлдорро ба ёд овард ва …*

**A)** дармонда-дармонда хонд
**B)** дармонда-дармонда мехонд
**C)** дармонда-дармонда мехонад
**D)** дармонда-дармонда хонда истодааст

**22.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта муродифи луғавии мувофиқро гузошта, ҷумларо пурра кунед:**
*Самарқандиён бо роҳбарии Ғӯрак мардонавор ба муқобили арабҳо ...*

**A)** меситезиданд
**B)** меразмиданд
**C)** ҷангу ҷидол мекарданд
**D)** задухӯрд мекарданд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**23.** **Маънои байти зерини Абўабдуллоҳи Рўдакӣ дар кадом қатор аст?**

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон*
*Бартар аз дидори рўйи дўстон.*

A) беҳтарини корҳо шодӣ кардан аст
B) беҳтарин хушнудӣ дидан ва суҳбати дўстон аст
C) дар ҷаҳон ҳеҷ гуна шодие вуҷуд надорад
D) дидани рўйи дўстон ҳеҷ гуна шодӣ нест

**24.** **Абулқосими Фирдавсӣ дар байти зерин чӣ гуфтан мехоҳад?**

*Набошад ҳаме неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

A) Неку бад пойдор нест, вале ёдгор аст.
B) Некию бадӣ ҳамеша ҷовидон мемонанд.
C) Беҳтар он аст, ки некиву бадӣ ҳар ду ёдгор бувад.
D) Накўӣ беҳтарини корҳост, ки ёдгор мемонад.

**25.** **Ҷузъи дуюми таркибҳои ҷуфтро аз сутуни дуюм ёбед:**

| | |
|---|---|
| A) азобу | 1) саломат |
| B) шоду | 2) ғусса |
| C) сиҳату | 3) хуррам |
| D) ғаму | 4) қувват |
| | 5) машаққат |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26.** **Шарҳи дурусти ибораҳои фразеологиро аз сутуни дуюм ёбед:**

| | |
|---|---|
| A) ақли худро хўрдан | 1) беқадр шудан, аҳамиятро гум кардан |
| B) аз худ рафтан | 2) сухан ва мурочиати беҳуда кардан |
| C) аз забон афтодан | 3) кореро фикр накарда иҷро кардан |
| D) ба девор гуфтан | 4) мағрур шудан, ҳадди худро надонистан |
| | 5) бо касе аҳду паймон кардан |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**27.** **Ба кадом маънои маҷозӣ истифода шудани ибораҳои сутуни якумро аз сутуни дуюм нишон диҳед:**

A) гули бехор — 1) рӯйи зебо, чеҳраи гулгун

B) гули рангин — 2) чизи беайб, бенуқсон

C) гули пажмурда — 3) чизи қалбакӣ, сохта

D) гули коғазин — 4) гули тозарӯида, навшукуфта

5) рӯйи зард; афсурда, ғамгин

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28.** **Аз калимаҳои ду сутун ибораи мувофиқ созед:**

A) садди — 1) томактабӣ

B) синни — 2) расо

C) кулли — 3) роҳ

D) қадди — 4) мардум

5) калонсол

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Ба ҷойи нуқтаҳо аз сутуни дуюм зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

A) Ман бибиамро ... ёд кардам. — 1) дучанд

B) Одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд. — 2) бисёр

C) Хонанда аз ҷавоби худ ... хурсанд буд. — 3) ду-ду

D) Ҳавопаймо роҳи моро ... наздик гардонд. — 4) як дараҷа

5) бағоят

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**30.** **Муайян намоед, ки суханон (мазмуни байтҳо)-и дар сутуни дуюм додашударо кадоме аз ин адибон гуфтааст:**

A) Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — 1) Мард он касест, ки ба дармондагон дасти ёрӣ дароз мекунад.

B) Абулқосими Фирдавсӣ — 2) Китоб беҳтарин дӯсти кунҷи танҳоист.

C) Абӯалӣ ибни Сино — 3) Аз зери замин то ба осмон ҳамаи мушкилоти ҷаҳонро ҳал кардаам.

D) Камоли Хуҷандӣ — 4) Чун ту дар ғурбат наафтодаӣ, аз ҳоли мани ғариб хабар надорӣ.

5) Тавоноии инсон маҳз дар дониши ӯст.

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.nt

## Варианти 3

**1. Дар калимаҳои *“омадӣ”*, *“ҷустӣ”* ва *“ёфтӣ”* садоноки *“ӣ”* кадом вазифаро иҷро намудааст?**

A) овози таркиби калима
B) бандаки феълӣ
C) пасванд (суффикс)-и исмсоз
D) пасванд (суффикс)-и сифатсоз

**2. Дар кадом гурӯҳи калимаҳо бо иваз намудани садонок маънои калима тағйир меёбад?**

A) банд, синф, фасл
B) анор, барг, сабз
C) гул, хуб, шир
D) кач, воз, гӯш

**3. Бо афтидани ҳарфи “ъ” маънои кадом калима тағйир меёбад?**

A) баръакс
B) суръат
C) анъана
D) тобеъ

**4. Кадом калимаҳо ба калимаи *“азим”* муродиф (синоним)-анд?**

A) бузург, калон
B) нотарс, диловар
C) қадбаланд, қаддароз
D) инсон, шахс

**5. Дар ҷумлаи зерин ибора (таъбир)-и *“рӯй турш кардан”* ба кадом маънӣ омадааст?**

***Бо меҳмон кушодарӯй ва хандон бош, ҳарчанд меҳмон нагуфта ояд, рӯй турш накун.***

A) гапи сахт гуфтан
B) хомӯш истодан
C) бо норизоӣ ё ғазаб рӯй чин кардан
D) зиқ шуда гап назадан

**6. Кадоме аз навиштаҳо ба санадҳои расмӣ (коргузорӣ) мансубанд?**

A) табрикнома, тасдиқнома
B) репортаж, мусоҳиба
C) қисса, очерк
D) китоби дарсӣ

**7. Дар кадом банд имлои шумораи тартибӣ дуруст аст?**

A) дусаду бисту сеюм
B) ду саду бисту сейӯм
C) ду саду бистусеюм
D) дусаду бистусеум

**8. Имлои исмҳо бо шумораи миқдорӣ дар кадом банд дуруст аст?**

A) панҷ китобҳо, ҳазор хонанда
B) панҷ китоб, ҳазор хонанда
C) панҷ китобон, ҳазор хонандагон
D) панҷ китобҳо, ҳазор хонандагон

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**9.** **Дар ҷумлаи зерин хабари “*машҳур аст*” кадом шахс ва шумораро нишон медиҳад?**

***Низомиддин Убайди Зоконӣ бо тахаллусҳои Убайд ва Зоконӣ машҳур аст.***

**A)** шахси якум, шумораи танҳо
**B)** шахси дуюм, шумораи ҷамъ
**C)** шахси сеюм, шумораи танҳо
**D)** шахси сеюм, шумораи ҷамъ

**10.** **Дар ҷумлаи зерин ибораи “*китобҳои худро*”-ро боз чӣ гуна ифода кардан мумкин аст?**

***Онҳо низ китобҳои худро ба китобхона месупоридагистанд.***

**A)** китобҳояшонро
**B)** китобҳояшро
**C)** китобҳоро
**D)** китобҳои онҳоро

**11.** **Иборaҳои кадом банд бо алоқаи вобастагии ҳамроҳӣ сохта шудаанд?**

**A)** аз ҳама беҳтар, санг барин сахт
**B)** ҷумлаи мураккаб, ибораи изофӣ
**C)** гули баҳорӣ, фасли баҳор
**D)** се соат, як сол баъд

**12.** **Дар кадом ҷумла хабар аз рӯйи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат намекунад?**

**A)** Субҳи Роғун аҷаб дилрабост.
**B)** Ҳавояш фораму мафтункунанда аст.
**C)** Бӯйи хуши гиёҳу растаниҳо ба машом мерасанд.
**D)** Оби дарёи шӯхи Вахш сар ба сангҳо зада пеш меравад.

**13.** **Дар кадоме аз ҷумлаҳои додашуда иҷрокунандаи амал муайян аст?**

**A)** Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард.
**B)** Дидадаро шав, ба дида ҷо шав.
**C)** Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ.
**D)** Рӯзе ҳамроҳи падарам ба саҳро баромада будам.

**14.** **Бо муродифи луғавии мувофиқ ҷумларо пурра кунед.**

***Абулқосими Фирдавсӣ соли 1020 дар зодгоҳи хеш бо олами бевафо ...***

**A)** тарк кард
**B)** падруд гуфт
**C)** вафот кард
**D)** чашм пӯшид

**15.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи ибораи “*зинатбахши маҳфил*” ибора (таъбир)-и мувофиқро гузоред.**

***Зинатбахши маҳфил устод Карим Саидӣ буданд.***

**A)** булбули гӯёи маҳфил
**B)** сари баланди маҳфил
**C)** нури дидаи маҳфил
**D)** гули сари сабади маҳфил

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**16.** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

*Тобистон. Аҷаб фасли хуш. Офтоби ҷаҳонтоб дар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм карда буд. Лекин, ҳарчанд нимрӯзии тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор миёна ва форам буд. (С. Айнӣ)*

A) публисистӣ B) расмӣ (коргузорӣ) C) бадеӣ D) илмӣ

**17.** **Ба ҷойи сенуқта сифати мувофиқро гузоред:**

*Ҷомаи ... кӯтоҳ намеояд.*

A) пахтагин B) бомаслиҳат C) барқад D) дароз

**18.** **Ба ҷойи нуқтаҳо сифати феълии замони гузаштаро гузошта, ҷумларо пурра кунед.**

*Асарҳои ... -ро ба тарзи худ шарҳ медиҳад.*

A) хондагиаш
B) мехондагиаш
C) хонданиаш
D) хонда истодагиаш

**19.** **Аз рӯйи мазмуни ҷумла ба ҷойи нуқтаҳо феъли мувофиқро гузоред.**

*Саъдӣ дар асарҳои худ аз мақолҳои пурҳикмати халқ эҷодкорона ...*

A) истифода бурдааст
B) ба кор бурдааст
C) истифода гардидааст
D) ба кор рафтааст

**20.** **Ҷумларо аз рӯйи мазмун пурра кунед.**

*Модари худро азиз доред, зеро ...*

A) ҳама модарро бояд азиз доранд.
B) ҳама модари худро азиз медоранд.
C) ӯ дар тарбияи шумо заҳмати зиёд кашидааст.
D) ҳама дар тарбияи фарзанди худ заҳмат мекашанд.

**21.** **Муайян намоед, ки дар кадом сатр ҷумлаи зерин ба нутқи айнан нақлшуда дуруст баргардонида шудааст.**

*Бузургон гуфтаанд, ки бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд.*

A) Бузургон гуфтаанд: – "Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд".
B) Бузургон гуфтаанд: "Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд".
C) Бузургон гуфтаанд, ки "Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд".
D) Бузургон гуфтаанд, ки бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд.

**22.** **Ба ҷойи сенуқта хабари ҷумларо чунон гузоред, ки замони иҷрои амал мувофиқ бошад:**

*Абулқосими Фирдавсӣ "Шоҳнома"-ро дар давоми сӣ сол ...*

A) эҷод мекардааст
B) эҷод кардааст
C) эҷод карда истодааст
D) эҷод хоҳад кард

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**23.** **Байти зерини Саъдии Шерозӣ чӣ маънӣ дорад?**

*Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд,*
*Бегумон айби ту пеши дигарон хоҳад бурд.*

**A)** Айби дигаронро ба дӯстонат нагӯй.
**B)** Айби дӯстатро пеши дигарон нагӯй.
**C)** Касе, ки айби туро ба ту мегӯяд, ба дигарон низ мегӯяд.
**D)** Касе, ки айби дигаронро ба ту гӯяд, айби туро низ ба дигарон мегӯяд.

**24.** **Аз байти зерини Мирзо Турсунзода ба чӣ хулоса омадан мумкин аст?**

*Пурҳарорат нест бе сулҳ Офтоб,*
*Дар Замин ҳам нест файзи беҳисоб.*

**A)** Суруди сулҳ нақшаи ҷангҷӯёнро дар Замин хароб мекунад.
**B)** Бе сулҳ Офтоб намедурахшад, Замин дар гирди он намегардад.
**C)** Файзу баракат дар Замин, ободии кишварҳо аз сулҳу амонӣ ва дӯстӣ аст.
**D)** Бе сулҳ файзи Замин беҳисоб мешавад, кишварҳо ободу зебо мешаванд.

**25.** **Ба имлои калимаҳои сутуни чап диққат дода, маънои онҳоро аз сутуни рост муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** табъ | **1)** дору, дармон; чора, илоҷ |
| **B)** таб | **2)** завқ; истеъдод; сиришт |
| **C)** даъво | **3)** баландии ҳарорати бадан |
| **D)** даво | **4)** додхоҳ, талабгор, довталаб |
| | **5)** арз ба мақомоти судӣ, талаб |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26.** **Ҷуфтҳои калимаҳои сутуни чапро аз сутуни рост муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** радду | **1)** ҷавр |
| **B)** хатту | **2)** ҷаҳд |
| **C)** шакку | **3)** шубҳа |
| **D)** ҷидду | **4)** савод |
| | **5)** бадал |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Маънои ибораҳо (таъбирҳо)-и сутуни чапро аз сутуни рост муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** нони муфт | **1)** ризқу рӯзии бо меҳнат бадастомада |
| **B)** нони ҳалол | **2)** ризқу рӯзии бе меҳнат бадастомада |
| **C)** нонро аз даҳон зада гирифтан | **3)** ношукрӣ кардан, ба қадри чизе нарасидан |
| **D)** нонро пешпо задан | **4)** ризқу рӯзӣ ё даромади касеро аз худ кардан, кашида гирифтан |
| | **5)** ба касе ғамхорӣ кардан ва ёрӣ расонидан |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**28.** **Аз калимаҳои сутуни чап ва рост ибораи изофии мувофиқ созед:**

**A)** умр
**B)** дӯст
**C)** меҳмон
**D)** чеҳра

**1)** нохонда
**2)** забонӣ
**3)** даҳонӣ
**4)** бардавом
**5)** кушода

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Зарбулмасалҳоро дуруст пурра кунед, ки ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳосил шавад:**

**A)** Бародари ман бошӣ,
**B)** Хоҳӣ нашавӣ расво,
**C)** Гар сабр кунӣ,
**D)** Дарс агар мушкил бувад,

**1)** аз ғӯра ҳалво мепазад.
**2)** баробари ман бош.
**3)** ҳамранги ҷамоат бош.
**4)** нодон худашро таъриф мекунад.
**5)** нодонро зуд хоб оварад.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**30.** **Маълумоти дар ду сутун додашударо ба ҳам пайваст намоед, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Лоиқ Шералӣ матни мухтасари мувофиқ ҳосил шавад:**

**A)** Мавзӯи асарҳои Лоиқ Шералӣ Ватан, модар, сулҳ, дӯстӣ,
**B)** Соли 1978 Лоиқ барои асарҳои “Хоки Ватан” ва “Илҳом аз “Шоҳнома”
**C)** Шеърҳои адибони рус А. С. Пушкин, С. Есенин ва дигаронро
**D)** Лоиқ дар шеърҳояш ишқу муҳаббат, сулҳу амонӣ, дӯстии халқҳо,

**1)** одаму одамгарӣ, илму маърифат ва амсоли инҳо мебошад.
**2)** ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.
**3)** аз ватандӯстии Лоиқ дарак медиҳад.
**4)** осоиштагӣ, ободӣ ва оромии диёрро тараннум кардааст.
**5)** сазовори Мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гардид.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

## Варианти 4

**1.** **Ба имлои калимаҳое, ки садоноки "у" ва "ӯ" доранд, диққат диҳед. Кадом калима маънои *"ҳама"*, *"тамом"*, *"маҷмӯъ"*-ро ифода мекунад?**

A) кул(л) B) кӯл C) гул D) гӯл

**2.** **Дар байти зерин имлои кадом калима нодуруст аст?**

*Забони мо чу дарйои дамон аст,*
*Ба қаъраш гавҳари тобон ниҳон аст…*

A) дамон B) гавҳар C) дарйо D) қаър

**3.** **Кадом гурӯҳи калимаҳо сермаъноанд?**

A) нок, қадрас, занбӯр
B) лаб, сар, рӯй
C) дафтар, қалам, нависанда
D) некӣ, покӣ, дурустӣ

**4.** **Муродифи калимаи *"анис"* дар байти зерин кадом аст?**

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст. (Абдураҳмони Ҷомӣ)*

A) дӯст, ҳамдам
B) ғамхор, меҳрубон
C) роҳнамо, омӯзгор
D) муаллим, мураббӣ

**5.** **Кадом воҳиди фразеологӣ (таъбир) маънои *"зиқ шудан"*-ро дорад?**

A) дилтанг шудан
B) дилафгор шудан
C) дилсард шудан
D) дилбазан шудан

**6.** **Эълон дар бораи баргузор гардидани маҳфили "Физикони ҷавон" дар кадом услуби баён навишта мешавад?**

A) бадеӣ B) илмӣ C) расмӣ D) рӯзноманигорӣ

**7.** **Дар кадом сатр исмҳо дар шакли ҷамъ нодуруст дода шудаанд?**

A) бибиён, ҳофизон, навозандагон
B) мардумон, одамон, кормандон
C) ҳайвонот, наботот, меваҷот
D) боғон, гулон, макотибҳо

**8.** **Сифатҳое, ки маънои камию зиёдӣ ва навозишро нишон медиҳанд, дар кадом сатр ҷой доранд?**

A) гармтар, сахттар, лоғартар, нармтар
B) зардча, суп-сурх, нағзакак, ширинак
C) чобук, тунук, сабук, нозук
D) бештар, зиёд, бисёр, азиз

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**9.** **Шумораҳои касрӣ чиро ифода мекунанд?**

A) ҳиссае аз адади бутунро
B) тартиби ҷойгиршавии ашёро
C) тартиб ва шумораи ашёро
D) миқдори тахминии ашёро

**10.** **Дар байти зерин феълҳо дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

*<u>Нишастам</u> дар канораш, <u>шеър гуфтам</u>,*
*Ҳамеша аз насимаш <u>табъ суфтам.</u> (Мирзо Турсунзода)*

A) замони гузаштаи дур
B) замони гузаштаи нақлӣ
C) замони гузаштаи ҳикоягӣ
D) замони гузаштаи наздик

**11.** **Кадом ибораҳо бо тарзи алоқаи ҳамроҳӣ таркиб ёфтаанд?**

A) садҳо коргар, аввалин зан
B) шаҳри навбунёд, синфи ёздаҳум
C) дар байни мардум, берун аз дарс
D) китобро хондан, қанд барин ширин

**12.** **Мисраи зерини Устод Рӯдакӣ аз рӯйи оҳанги талаффуз кадом хели ҷумлаи сода аст?**

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, …*

A) ҳикоягӣ B) амрӣ C) хитобӣ D) хабарӣ

**13.** **Ҷумлаи умумишахс кадом аст?**

A) Оқилон ба бузургон эҳтиром мегузоранд.
B) Таҳқир кардани мардум аз ҷаҳолату нодонист.
C) Дар муомила бо мардум ҳамеша эҳтиёткор бош.
D) Бузургон мардумро ба накукорӣ даъват мекарданд.

**14.** **Муродифҳо (синонимҳо)-и калимаи “*осмон*”-ро муайян кунед:**

A) гетӣ, даҳр, кайҳон
B) қамар, ситора, ахтар
C) давр, давра, гирда
D) сипеҳр, фалак, гардун

**15.** **Ба ҷойи сенуқта муродифи луғавии мувофиқро гузошта, ҷумларо пурра кунед:**

*Абулқосими Фирдавсӣ ба забони модарии хеш бо муҳаббат ...*

A) менигарист
B) мушоҳида менамуд
C) чашм медавонд
D) дида медӯхт

**16.** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

*Моддаи 6. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф*

*Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк, ҳуқуқи таҳсил кафолат дода мешавад...*

A) бадеӣ B) илмӣ C) рӯзноманигорӣ D) расмӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**17. Ба ҷои сенуқта кадом феъли ҳолро гузоштан дуруст аст?**

*Вай зардолуро гирифта, ... боз ба кӯча медавид (С.Улуғзода)*

A) бӯида-бӯида B) газида-газида C) хӯрда-хӯрда D) чашида-чашида

**18. Ба ҷойи сенуқта сифатҳои мувофиқро гузоред:**

*Душанбе шаҳри ... аст.*

A) азим ва хушрӯй

C) бузург ва хушрӯй

B) калон ва зебо

D) кабир ва зебо

**19. Зарфи мувофиқро истифода намуда, ҷумларо пурра кунед.**

*Мӯрчае, ки аз ташнагӣ ба ҷон омада буд, назди ҳавзе рафт ва об нӯшид, ... пойи мӯрча лағжид ва дар об афтод.*

A) ногаҳон B) ноилоҷ C) бепарво D) бесадо

**20. Ҷумлаҳоро таҳлил карда, муайян намоед, ки дар кадоме аз онҳо ҳоли тарзи амал истифода шудааст?**

A) Ман ӯро надида рафта наметавонам.
B) Барои зудтар рафтан кӯшиш мекунем.
C) Ҳамаамон ҳамин шаб баромада меравем.
D) Фирӯза бо овози баланд, бо ҳаяҷон, вале аз дилу ҷон сухан мегуфт.

**21. Ба ҷойи сенуқта хабарҳои ҷумларо чунон гузоред, ки ба мубтадо мувофиқат кунанд:**

*Боре дар пойтахти императори рус будам. Шабе аз хоб ..., бинобар тараддуди мардум ба кӯча ...*

A) барҷастем, мерафтем

C) бедор шудем, омадем

B) барҷастам, давидам

D) ҳушёр шудам, мебаромадам

**22. Аз ҷумлаҳои пайрави додашуда истифода намуда, ҷумлаи мураккаб созед:**

*Бо падару модари худ нек бош, ...*

A) то дар ҳаққи эшон беҳурматӣ нанамоӣ.
B) то падару модар дар ҳаққи ту некӣ кунанд.
C) то рӯзе фарзандонат низ ба ту накӯ бошанд.
D) одамӣ ҳамчун мева аст, падару модар ҳамчун дарахт.

**23. Кадом адиб бунёдгузори равияи маорифпарварии адабиёти тоҷик аст?**

A) Аҳмади Дониш

C) Абдулвоҳиди Мунзим

B) Садри Зиё

D) Тошхӯҷаи Асирӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**24.** **Мисраи дуюми байти зерини Мирзо Турсунзода кадом аст?**

***Гар каломи аввалин аз зан намеомӯхтем,***

**..................................................................................**

**A)** Норасида бодае дар ҷом мемондем мо.

**B)** Бетахаллус, бенасаб, беном мемондем мо.

**C)** Бе чароғи равшане дар шом мемондем мо.

**D)** Лаб фурӯ баста ҳама чун лом мемондем мо.

**25.** **Ҷузъи дуюми калимаҳои мураккабро ёбед:**

**A)** даву — **1)** дор

**B)** гиру — **2)** хез

**C)** бардору — **3)** чин

**D)** рӯбу — **4)** тоз

**5)** зан

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**26.** **Ба кадом маънои маҷозӣ истифода шудани ибораҳоро аз сутуни дуюм нишон диҳед:**

**A)** дасти кушод — **1)** саховатмандӣ, ҳимматбаландӣ

**B)** дасти холӣ — **2)** ба хайр анҷомидани кори касе, дар касби худ маҳорат доштан

**C)** дасти сабук — **3)** бе ягон чиз, бе дастовез

**D)** дасти кӯтоҳ — **4)** фармонбардорӣ, мутеъ будан

**5)** оҷизӣ, нотавонӣ, надоштани имкон

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Муносибати калимаҳои сутуни якумро бо маъниҳои додашуда муайян кунед:**

**A)** баъд — **1)** исми маънӣ: додхоҳӣ, иддао кардан

**B)** бад — **2)** исми маънӣ: дармон, илоҷ

**C)** даъво — **3)** зарфи замон: сипас, сонӣ

**D)** даво — **4)** сифати ашё: нодуруст, хароб

**5)** сифати ашё: нохуб, ганда

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28.** **Аз калимаҳои ду сутун бо тарзи алоқаи изофӣ ибораи мувофиқ созед:**

| | |
|---|---|
| **A)** бозу | **1)** парешон |
| **B)** абру | **2)** пурзӯр |
| **C)** дил | **3)** пайваста |
| **D)** зулф | **4)** реш |
| | **5)** навраста |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Ба ҷойи сенуқта (ба истисноӣ қавс) аз сутуни дуюм зарфҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ҷурҷонӣ аз камоли мондагӣ ... нафас мегирад. | **1)** базӯр-базӯр |
| **B)** Вера ва Шодигул … қадам монда рафтанд. | **2)** рӯз то рӯз |
| **C)** Ёдгор шунидаҳояшро ... ба Гулнор нақл кард. | **3)** ягон-ягон |
| **D)** Аз рӯйи гуфтаҳои онҳо муҳаббатам дар ҳаққи Аҳмадмахдум ... зиёдтар (...) мегардид. | **4)** шунидан замон |
| | **5)** оҳиста-оҳиста |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОИГОН!

**30.** **Мувофиқати маълумоти дар ду сутун додашударо (аз эҷодиёти Носири Хусрав) муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Рӯшноинома” | **1)** асари насрист, ки ёддоштҳои адибро аз саёҳати ҳафтсолааш дар бар мегирад. |
| **B)** “Саодатнома” | **2)** асари насрист, ки дар он ба сӣ саволи фалсафӣ ҷавоб мегӯяд. |
| **C)** “Сафарнома” | **3)** асари насрист, ки доир ба масъалаҳои динӣ баҳс мекунад. |
| **D)** “Кушоиш ва раҳоиш” | **4)** асари назмист, ки дар бораи пайдоиши оламу одам баҳс мекунад. |
| | **5)** асари назмист, ки масъалаҳои ахлоқию фалсафиро дар бар мегирад. |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

## Варианти 5

**1. Дар кадом қатор калимаҳо аз рӯйи луғатнигорӣ – тартиби алифбо ҷобаҷо карда шудаанд?**

A) падар, модар, писар, духтар, додар, хоҳар, шавҳар, додарак, бародар
B) бародар, додарак, додар, духтар, модар, писар, падар, хоҳар, шавҳар
C) бародар, додар, додарак, духтар, модар, падар, писар, хоҳар, шавҳар
D) бародар, додарак, духтар, додар, модар, падар, писар, шавҳар, хоҳар

**2. Садоноки ӯ дар калимаҳои кадом қатор дуруст навишта шудааст?**

A) дӯд, зӯд, сӯд
B) кӯҳ, рӯз, гӯш
C) дӯр, нӯр, ҳӯр
D) дурӯд, сурӯд, фурӯд

**3. Калимаи “*Сайёра*” аз чанд ҳарфу чанд овоз иборат аст?**

A) аз 6 ҳарфу 5 овоз
B) аз 6 ҳарфу 6 овоз
C) аз 6 ҳарфу 7 овоз
D) аз 6 ҳарфу 8 овоз

**4. Дар қатори кадоме аз ин калимаҳо ҳарфи ъ (аломати сакта) афтидааст?**

A) ало, бад, қатӣ, ман
B) мано, масала, мисра, шам
C) масалан, қаноат, соат, беор
D) баос, муаллим, шоир, маориф

**5. Имлои кадоме аз ин навиштаҳо дуруст аст?**

A) бечунучаро
B) бе чунучаро
C) бе чуну чаро
D) бе “Чун?”-у “Чаро?”

**6. Дар байти зерин калимаи “*корзор*” чӣ маъно дорад?**

***Нигаҳ кун, бад-ин лашкари номдор,***
***Ҷавонони шоистаи корзор.***

A) Майдони ҷанг аст.
B) Ҷое, ки кор бисёр аст.
C) Он ҷое, ки одамон ба кор зоранд.
D) Он ҷое, ки одамон кор мекунанд.

**7. Ибораи “*сояи касеро аз девор тарошидан*” чӣ маъно дорад?**

A) касеро написандидан
B) ба касе нигоҳ накардан
C) бо касе қаҳрӣ шудан
D) касеро аз ҳад зиёд бад дидан

**8. Ин калимаҳо бо ҳам чӣ муносибат доранд: *шуғл, пеша, касб, ҳунар?***

A) ҳамгунаҳо (омонимҳо)
B) муродифҳо (синонимҳо)
C) мутазодҳо (антонимҳо)
D) калимаҳои наздикталаффуз (паронимҳо)

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**9.** **Ҳаммаънои зарбулмасали *“Дарро задам, девор кафид”*-ро ишора кунед.**

**A)** Деҳ куҷо, дарахтон куҷо?

**B)** Ман тут гӯям, ту мегӯйӣ – бед.

**C)** Даре, ки медаройӣ, сахт мапӯш.

**D)** Дар ки надорӣ, дарбон чӣ мекунӣ?

**10.** **Матни зерин бо кадом услуб навишта шудааст?**

*Алангаи оташи даргирифтаистодаи бадани ман якбора паст шуд. Сар то поям ҳанӯз ҳам месӯхт, аммо монанди ҳезуми тари нимсӯхта, ки аз ҳезуми хушки шуълавар дур афтода бошад, кӯрдудкунон месӯхт ва дуди ин сӯзиш дар димоғам зада мағзи сарамро метарконид! (С. Айнӣ)*

**A)** илмӣ **B)** бадеӣ **C)** расмӣ **D)** рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**11.** **Ба ҷои сенуқта истилоҳи мувофиқро гузоред:** ***“Мавриди истифодаи услуби забони ... муҳити кору зиндагии рӯзмарраи одамон аст.”***

**A)** бадеӣ **B)** расмӣ **C)** муошират **D)** рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**12.** **Исмҳои мураккаберо, ки аз шумора ва исм сохта шудаанд, муайян намоед.**

**A)** даҳӣ, чилла, чорӣ, сада

**B)** сеюним, дусад, чоряк, Ҳафтияк

**C)** дубаҳра, дучанд, сесомонӣ, шашсола

**D)** Сезарб, Чордарвеш, чормағз, Шашмақом

**13.** **Дар кадом қатор сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ дода шудаанд?**

**A)** бартар, бадтар, кеҳтар, меҳтар

**B)** дафтар, кафтар, нештар, хатар

**C)** беҳтарин, камтарин, олитарин, қадимтарин

**D)** аз ҳама баланд, ниҳоят калон, хеле зебо, беҳад васеъ

**14.** **Дар ҷумлаи зерин зарфи сабаб кадом аст?**

*Оҳуи захмие аз дунболагирии сайёди ҷавон ноилоҷ монда, худро ба варта афканд.*

**A)** варта **B)** захмӣ **C)** дунболагирӣ **D)** ноилоҷ

**15.** **Дар ин байт ҷонишини *“чун”* ба кадом маънӣ омадааст?**

*Бигуфто: - Ишқи Ширин бар ту чун аст?*

*Бигуфт: - Аз ҷони ширинам фузун аст.*

**A)** чанд **B)** чунон **C)** чӣ гуна **D)** чӣ қадар

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**16.** **Дар кадоме аз ин қаторҳо шакли масдари феълҳои бевосита дуруст ва беғалат навишта шудаанд?**

A) давид, қапид, навишт, парид
B) давидан, қапидан, навиштан, паридан
C) даввидан, қаппидан, навистан, парридан
D) давондан, қапондан, нависондан, парондан

**17.** **Пайвандакҳои** ***даме ки, ҳамин ки, ҳангоме ки, ҳар гоҳ ки*** **чӣ гуна ҷумлаҳои пайравро бо сарҷумла алоқаманд мекунанд?**

A) пайрави сабабро
B) пайрави замонро
C) пайрави мақсадро
D) пайрави монандиро

**18.** **Ҳиссачаҳои** ***магар, оё, наход, -чӣ*** **ба кадом хели онҳо дохил мешаванд?**

A) саволӣ B) инкорӣ C) тасдиқӣ D) таъкидӣ

**19.** **Ин ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанги баён) муайян кунед:**
*Шумо ин қадар ҳунарро ба кӣ шогирд шуда омӯхтед ... (С.Айнӣ)*

A) ҷумлаи амрӣ
B) ҷумлаи саволӣ
C) ҷумлаи хитобӣ
D) ҷумлаи ҳикоягӣ

**20.** **Ин чӣ гуна ҷумла аст?**
*Об дар кӯзаю мо ташналабон мегардем, ...*

A) содаи яктаркиба
B) содаи дутаркиба
C) содаи чидааъзо
D) мураккаби пайваст

**21.** **Хабари ин ҷумларо нишон диҳед:**
*Падарам дар вақти хурдиҳоям якчанд байташро ба ман ёд дода буданд. (С.Айнӣ)*

A) буданд
B) дода буданд
C) ёд дода буданд
D) ба ман ёд дода буданд

**22.** **Хели ҷумлаи пайравро муайян кунед:**
*Ночор сабр кардам, то фурсати интиқомгирӣ расад. (С.Айнӣ)*

A) ҷумлаи пайрави замон
B) ҷумлаи пайрави макон
C) ҷумлаи пайрави сабаб
D) ҷумлаи пайрави мақсад

**23.** **Байти зерини Абдураҳмони Ҷомӣ дар кадом сухан хулоса шудааст?**
*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

A) Қадри омӯзгорро дар зиндагӣ мебояд шинохт.
B) Дар ҷаҳон аз қадри падар қадри омӯзгор баландтар аст.
C) Омӯзгор ба шогирдаш илму дониш ва касбу ҳунар меомӯзад.
D) Омӯзгор равшанкунандаи роҳи ҳаёт ва сабаби ободии зиндагист.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**24.** **Кадом асари Садриддин Айнӣ ба мавзӯи муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони араб бахшида шудааст?**

A) “Деви ҳафтсар”
B) “Аҳмади девбанд”
C) “Исёни Муқаннаъ”
D) “Хари бедум”

**25.** **Маънои калимаҳои сутуни аввалро аз сутуни дуюм нишон диҳед:**

A) қатӣ
B) сурат
C) қатъӣ
D) суръат

1) акс
2) тезӣ
3) ҳатмӣ
4) ҳамроҳ
5) ҳаққонӣ

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26.** **Шумораи ҷамъи ин калимаҳо бо кадом пасванд дуруст аст?**

A) моҳ, роҳ
B) лӯлӣ, доро
C) модар, хоҳар
D) банда, бинанда

1) -ён
2) -он
3) -гон
4) -вон
5) -ҳо

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Ба ҷойи нуқтаҳо аз сутуни дуюм зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

A) Имрӯз баъд аз нисфирӯзӣ ... борон ба боридан сар кард.
B) Баъд аз маҷлис одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд.
C) ... монда буд, ки бо ӯ дастбагиребон шавам.
D) Мартабааш дар байни мардум ... баланд буд.

1) дучанд
2) каме
3) ду-ду
4) як дараҷа
5) кам-кам

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28.** **Ин сифатҳо (аломатҳо) ба кадом аъзои ҷумла дахл доранд?**

A) амал, ҳолат ва аломати дар ҷумла ифодаёфта ба он нисбат дорад
B) амал, ҳолат ва аломати ба мубтадо нигаронидашуда
C) ба кӣ ё чӣ нигаронида шудани амал
D) аломату хосият ва миқдори ашёро ифода мекунад

1) ҳол
2) хабар
3) мубтадо
4) пуркунанда
5) муайянкунанда

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**29.** **Ин таърифҳо хусусияти асосии кадом хели ҷумлаҳоанд?**

**A)** танҳо аз сараъзоҳо иборат аст.

**B)** аз сараъзоҳо ва аъзои пайрав иборат аст.

**C)** аз ду ҷумлаи сода иборат аст.

**D)** ду ва ё зиёда сараъзо ё аъзои пайрави якхела дорад.

**1)** Ҷумлаи нопурра

**2)** Ҷумлаи мураккаб

**3)** Ҷумлаи содаи чидааъзо

**4)** Ҷумлаи содаи хуллас

**5)** Ҷумлаи содаи тафсилӣ

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**30.** **Мувофиқати байтҳоро бо суханҳои дар сутуни рост додашуда муайян намоед:**

**A)** Дониш андар дил
чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани
ту ҷавшан аст.
(*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*)

**B)** Сухан бифканад минбару
дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.
(*Абӯшакури Балхӣ*)

**C)** Ҳар он кас ки дониш
фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор
хомӯш кунад.
(*Абулқосими Фирдавсӣ*)

**D)** Касе, к-ӯ ба дониш
тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор
беҳтар бувад.
(*Абулқосими Фирдавсӣ*)

**1)** Шахси хирадманд ҳамеша беозор ва нармгуфтор аст.

**2)** Он беҳ, ки шахси бедониш дар сухан накӯшад.

**3)** Илм раҳнамою раҳкушо ва нигаҳбон аз ҳар балост.

**4)** То мард сухан нагӯяд, айбу ҳунараш пӯшида бимонад.

**5)** Гапи ногувор одамро мекушад, аммо гуфтори ширин дилҳоро нарм мекунад.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## Варианти 6

**1. Кадоме аз ин калимаҳо ғалат навишта шудааст?**

A) кӯҳӣ B) моҳӣ C) доҳӣ D) агарчӣ

**2. Ҳангоми талаффузи калимаҳои *"айёр"*, *"сайёр"*, *"сурайё"*, *"муҳайё"* кадом ҳодисаи фонетикӣ мушоҳида мешавад?**

A) монанд шудани овозҳо
B) такрор (ташдид)-и овозҳо
C) ҷой иваз кардани овозҳо
D) талаффуз нашудани овозҳо

**3. Талаффуз ва имлои кадоме аз қатори ин калимаҳо дуруст аст?**

A) Амад, рамат, Тамина΄, ар кас
B) Ахмад, рамат, Тахмина, ҳар кас
C) Аҳмад, раҳмат, Таҳмина΄, ҳар кас
D) Ахмед, рахмат, Тахми΄на, хар кас

**4. Калимаҳои куҳна (архаистӣ)-ро муайян намоед.**

A) сулҳ, оштӣ, миёнҷӣ
B) инқилоб, шӯриш, балво
C) милиса, раис, котиб
D) бек, қушбегӣ, миршаб

**5. Таъбири *"замин сахт – осмон баланд"* чӣ маъно дорад?**

A) ноилоҷ мондан, чора надоштан
B) роҳи ҳалли кореро ҷустан
C) замин сахт асту осмон баланд
D) ба осмон баромада натавонистан

**6. Услуби ҷумларо муайян кунед.**

***Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ аст ...***

A) илмӣ B) бадеӣ C) расмӣ D) рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**7. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои зидмаънои мувофиқро интихоб намоед, ки ҳикмати машҳури тоҷикӣ ҳосил шавад.**

***...-е, ки вафо накард, ... беҳ аз ӯ.***

A) шоҳ, гадо
B) дӯст, душман
C) нодон, доно
D) бегона, ошно

**8. Дар мисраи *"Май хуни разон аст, дигар хун нахӯрам"*-и рубоии Умари Хайём ибораи *"хуни разон"* чӣ маъно дорад?**

A) оби анор B) афшураи себ C) шарбати тут D) оби ангур

**9. Ибораи *"чароғи оламафрӯз"* дар байти зерин чӣ маъно дорад?**

*Бе рӯйи ту Хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,*
*Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод, ...(Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)*

A) шамъ B) офтоб C) моҳ D) оташ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**10.** **Калимаҳои забон аз рӯйи кадом хусусиятҳояшон ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо карда шудаанд?**

A) аз рӯйи маънояшон
C) аз рӯйи аломати грамматикиашон
B) аз рӯйи саволҳояшон
D) аз рӯйи маъно ва аломати грамматикиашон

**11.** **Қатори исмҳоро нишон диҳед, ки ҳамагӣ дар шумораи ҷамъ омадаанд:**

A) говон, Ёвон, вагон
C) дандон, корвон, гулрухон
B) давон, гулдон, қувон
D) бачагон, оҳувон, меҳон

**12.** **Шакли таърихии феълҳои таркибии зеринро муайян намоед:**
***суруд хондан, нигоҳ кардан, навозиш кардан***

A) сурудан, нигаристан, навохтан
B) сароидан, нигаштан, навохтан
C) суруд хондан, нигоҳ кардан, навохтан
D) суруд хондан, назар кардан, навозиш намудан

**13.** **Калимаҳои зерин ба кадом гурӯҳи шумораҳо дохил мешаванд?**
***як-ду, ду-се, се-чор, даҳ-бист***

A) аслӣ
B) касрӣ
C) тахминӣ
D) тартибӣ

**14.** ***Ҳолат, замон, маҳаллу макон, сабабу мақсади амал*ро кадом ҳиссаи нутқ мефаҳмонад?**

A) исм
B) феъл
C) сифат
D) зарф

**15.** **Ҷонишинҳои *"кадом"*, *"ким-кадом"*, *"ким-кӣ"*, *"ким-чӣ"*, *"ягон"* ба кадом гурӯҳ дохиланд?**

A) манфӣ
B) таъйинӣ
C) номуайянӣ
D) нафсӣ-таъкидӣ

**16.** **Ба ҷойи нуқтаҳо кадом феълҳоро гузоштан дуруст аст?**
***Андаке ... аз бисёр ... хуштар аст.***

A) хондан, донистан
C) фаҳмидан, гуфтан
B) шунидан, дидан
D) навиштан, хондан

**17.** **Ҷумларо пурра кунед, ки як зарбулмасали машҳури тоҷикӣ ҳосил шавад.**
***Дили нохоҳам – ... .***

A) узри бисёр
C) ишками гурусна
B) дарди сар
D) кори ношуданӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**18.** **Ҷумлаи содаи хулласро нишон диҳед.**

A) Ҳама ба таомхӯрӣ машғул шуданд. (С. Улуғзода)
B) Падарам хатту савод дошт. (С. Айнӣ)
C) Ман худи падарамро надидаам. (Б. Ортиқ)
D) Рӯзҳо паиҳам мегузаштанд. (Ҳ. Карим)

**19.** **Дар ҷумлаи зерин кадом аъзои он чида шудааст?**
***Як марди қадбаланд, камгӯшт, пешонавасеъ, хушфеъл моро бо хурсандӣ пешвоз гирифт. (Ҳ. Карим)***

A) хабар
B) мубтадо
C) пуркунанда
D) муайянкунанда

**20.** **Қисми дуюми ҷумлаи зеринро дуруст интихоб намуда, ҷумлаи мураккаб созед:**
***Луқма шикамро сер накунад, аммо ...***

A) муҳаббатро зиёда кунад.
B) ризқро афзун кунад.
C) гулӯро мехарошад.
D) шикамро пур мекунад.

**21.** **Ба сарҷумлаи зерин ҷумлаи пайрави мувофиқро интихоб намоед:**
***Мард он аст, ...***

A) ки бигӯяду накунад.
B) ки лофи ёрӣ бизанад.
C) ки бозуи паҳлавонӣ дорад.
D) ки номаш ба накуӣ бибаранд.

**22.** **Ҷумлаи умумишахсро муайян намоед.**

A) Сухан бисёр дону андаке гӯй...
B) Ин аҳволро хабар додан лозим аст.
C) Оҳиста салом дода гузашт.
D) Ба ман ҳалвои равғанин гирифта диҳед.

**23.** **Кадом асари Абдулқодири Бедил доир ба пайдоиши набототу ҳайвонот ва инсон баҳс мекунад?**

A) "Тилисми ҳайрат"
B) "Муҳити аъзам"
C) "Тӯри маърифат"
D) "Чор унсур"

**24.** **"Суруди озодӣ" ё "Марши ҳуррият"-и Садриддин Айнӣ ба кадом муносибат навишта шудаст?**

A) Инқилоби феврали соли 1917 дар Русия
B) Ислоҳоти соли 1917 дар Бухоро
C) Инқилоби Октябр дар соли 1917
D) Инқилоби Бухоро дар соли 1920

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**25. Калимаҳоро аз рӯйи мазмун ба ҷойи нуқтаҳо гузоред:**

A) таъсир
B) таъбир
C) таъриф
D) таъкид

1) Ӯ ин суханро гаштаю баргашта ба бародараш ... менамуд.
2) Суханҳои Акамирзо ба ман сахт ... карданд.
3) Як моҳ он муассисаро ... карданду сардорашро аз кор гирифтанд.
4) Ин ...-и бачагона дар ҳаққи он ду харбуза хеле мувофиқ меомад.
5) ...-и зиёда бадтар аз дашном аст.

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26. Ҷуфтҳои синонимии мувофиқро нишон диҳед:**

A) бахт
B) барор
C) оромӣ
D) шодӣ

1) хурсандӣ
2) сарбаландӣ
3) саодат
4) кушоиш
5) осудагӣ

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27. Маънои иборaҳо (таъбирҳо)-и сутуни чапро аз сутуни рост муайян намоед:**

A) нони муфт
B) нони ҳалол
C) нонро аз даҳон зада гирифтан
D) нонро пешпо задан

1) ризқу рӯзии бо меҳнат бадастомада
2) ризқу рӯзии бе меҳнат бадастомада
3) ношукрӣ кардан, ба қадри чизе нарасидан
4) ризқу рӯзӣ ё даромади касеро аз худ кардан, кашида гирифтан
5) ба касе нон надода ранҷонидан

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28. Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузоред:**

A) Аммо сӯфӣ ... ба саволҳо ҷавобҳои сареҳ намедод. (Р. Ҷалил)
B) Ба таклифи маъмурон зуд амал карда, ... аз беморхона баромада рафтанд. (С. Айнӣ)
C) Дар бораи бахту иқболи духтараш ... шабҳоро рӯз карда буд. (Ф. Ниёзӣ)
D) Соро ... ба Шодӣ нигоҳ кард. (С. Айнӣ)

1) тааҷҷубкунон
2) дақиқкорона
3) фикркунон
4) маккорона
5) бечунучаро

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми A) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!

**29.** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

**A)** Аз тарафи бозори хиёбон ... овози доира меомад.

**B)** Аз дур ... садои пой шунида мешуд.

**C)** Зарраҳои вай ... ҷило медоданд.

**D)** Дар берун ҳанӯз ... борон меборид.

**1)** ялт-ялт

**2)** ғув-ғув

**3)** даранг-даранг

**4)** шалап-шалап

**5)** шитир-шитир

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**30.** **Муайян намоед, ки суханҳои дар сутуни рост додашуда дар бораи кадом адиб гуфта шудааст:**

**A)** Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**B)** Абулқосими Фирдавсӣ

**C)** Абӯалӣ ибни Сино

**D)** Умари Хайём

**1)** шоири Хуросон, бунёдгузори шеъри форсии тоҷикӣ

**2)** шоири озодандеш, олими риёзидон, устоди рубоӣ

**3)** шоир ва олими озодандеш, ки аз таъқиби мухолифони идеявиаш ба Юмгондара паноҳ бурд

**4)** файласуф, шоир ва ходими давлатӣ, пизишк, муаллифи асари "Шифо"

**5)** ҳакими ватанпарвар, гӯяндаи асари безавол ва ҳамосаи миллии тоҷикон

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## Варианти 7

**1. Дар калимаҳои *“хонӣ”*, *“равӣ”* ва *“давӣ”* садоноки *ӣ* кадом вазифаро иҷро намудааст?**

A) овози таркиби калима
B) пасванд (суффикс)-и калимасоз
C) бандаки феълӣ
D) бандаки хабарӣ

**2. Дар кадом гурӯҳи калимаҳо бо иваз намудани ҳамсадоҳои ҷуфт маънои калима тағйир меёбад?**

A) бозӣ, вақт, замон
B) баст, ваҳм, занг
C) бодбон, вазанда, зананда
D) барг, варақ, зарф

**3. Бо афтидани ҳарфи ъ (аломати сакта) маънои кадом калима тағйир меёбад?**

A) маълум
B) анъана
C) табъ
D) нафъ

**4. Кадом калимаҳо ба калимаи *“ақл”* ҳаммаъно (синоним)-анд?**

A) хирад, фаҳм
B) ҳуш, ҷон
C) савод, дониш
D) равон, рӯҳ

**5. Дар ҷумлаи зерин ибора (таъбир)-и *“сухан дониста гуфтан”* ба кадом маънӣ омадааст?**

*Барои боодоб шудан ту бояд бо дӯстат сухан дониста гӯйӣ.*

A) бисёр гап назадан
B) оҳиста гап задан
C) кам гап задан
D) фикр карда гап задан

**6. Услуби баёни кадоме аз ин навиштаҳо рӯзноманигорӣ (публисистӣ) аст?**

A) повест, роман
B) ариза, дархост
C) хабар, лавҳа
D) кашфиёт, формулаҳои илмӣ

**7. Имлои шумора бо нумератив дар кадом сатр дуруст аст?**

A) панҷ нафар коргарон
B) чор нафар фаррошон
C) ду даста гул
D) ду бех ниҳолҳо

**8. Исм дар кадом банд дар шакли ҷамъ омадааст?**

A) посбон
B) биёбон
C) чӯпон
D) ҳиндувон

**9. Дар ҷумлаи зерин феълҳои *“рафт”* ва *“пазируфт”* кадом шахс ва шумораро нишон медиҳанд?**

*Сумбоди Муғ ба назди халифа рафт, халифа ӯро хуш пазируфт.*

A) шахси дуюм, шумораи танҳо
B) шахси дуюм, шумораи ҷамъ
C) шахси сеюм, шумораи танҳо
D) шахси сеюм, шумораи ҷамъ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**10.** **Дар байти зерин ибораи *«давлати худ»*-ро боз чӣ гуна ифода кардан мумкин аст?**

*Надонӣ гар забони давлати худ,*
*Пушаймонӣ надорад оқибат суд.*

**A)** давлати бузург
**B)** давлати хеш
**C)** давлати мо
**D)** давлати шумо

**11.** **Дар кадом банд ибораҳо бо алоқаи вобастагии пешояндӣ такриб ёфтааст?**

**A)** бас кардан, иҷро кардан
**B)** вақтҳои охир, рӯзи аввал
**C)** дасти ёрӣ, дастони тиллоӣ
**D)** дар омади гап, аз рӯйи виҷдон

**12.** **Дар кадом ҷумла хабар аз рӯйи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат намекунад?**

**A)** 93 фоизи Тоҷикистон кӯҳсор аст.
**B)** Кӯҳсорони Тоҷикистон пур аз ганҷанд.
**C)** Халқи тоҷик қаҳрамонони худро фаромӯш намекунанд.
**D)** Муҳофизати Ватан – вазифаи муқаддас аст.

**13.** **Дар кадом ҷумла иҷрокунандаи амал муайян аст?**

**A)** Ватандӯстӣ ва хизмат ба Ватан шарафи бузург аст.
**B)** Мо бояд ба Ватан – Тоҷикистони азиз хизмат намоем.
**C)** Калимаҳои Ватан ва Модарро дар паҳлуи якдигар менависанд.
**D)** Ватан-Модарро бояд дӯст дошт.

**14.** **Ҷумларо бо муродифи луғавии мувофиқ пурра кунед.**

*Гузаштагони мо дар бораи иди Сада бисёр ривоятҳо ...*

**A)** мегӯянд **B)** гап мезананд **C)** нақл мекунанд **D)** ривоят мекунанд

**15.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи ифодаи *"чӣ гуфтани худро надониста монд"* ибораи (таъбири) мувофиқро гузоред:**

*Ӯ саросема шуд ва чӣ гуфтани худро надониста монд.*

**A)** гапашро гум кард
**B)** гапашро ду накард
**C)** гапро пазонд
**D)** гапро кашол дод

**16.** **Матни зерин дар кадом услуб навишта шудааст?**

*Сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун имрӯз барҳақ ба арсаи корнамоию мардонагӣ, муттаҳидии қавму миллатҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои ҷумҳурии тозаистиқлоли мо мубаддал гаштааст. Рушду инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат ва дар ниҳояти кор беҳтар гардонидани некуаҳволии сокинони он аз бисёр ҷиҳат ба бунёди иншооти бузурги аср, ки манбаи нур аст, вобастагӣ дорад. (Аз ҳафтанома)*

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** расмӣ (коргузорӣ)
**D)** рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**17.** **Ба ҷойи сенуқта феъли мувофиқро гузоред:**

*Абрҳо пароканда шуда, дар паси кӯҳҳо ...*

**A)** руст шуданд **C)** ниҳон буданд

**B)** пинҳон гардиданд **D)** падидор шуданд

**18.** **Ба ҷойи нуқтаҳо сифати мувофиқ гузошта, байтро пурра кунед:**

*Шохи ... кашад сар ба қиём,*
*Шохи ... шавад хам ба салом. (Абдураҳмони Ҷомӣ)*

**A)** хушк, тар **C)** дароз, кӯтоҳ

**B)** сабз, пургул **D)** бемева, пурмева

**19.** **Аз рӯйи мазмуни ҷумла ба ҷойи нуқтаҳо сифати мувофиқро гузоред.**

*Сиёҳак ҳар субҳ рӯйи санги соҳил нишаста, дергоҳ нағмасароӣ мекунад. Овози ...-аш дилу рӯҳи одамро менавозад.*

**A)** баланд **B)** зебо **C)** форам **D)** дилнавоз

**20.** **Ҷумларо пурра кунед.**

*Парандаи сиёҳак, ки ҳоло хеле камшумор аст, ...*

**A)** атрофи дарёҳои шӯх ва шаршараҳо ҷойи дӯстдоштаи ӯст.
**B)** тамоми сол аз гирду атрофи лонааш дур намеравад.
**C)** шумораи чӯҷаҳояш чандон зиёд нест.
**D)** ба "Китоби сурхи Тоҷикистон" дохил шудааст.

**21.** **Дар кадом сатр нутқи мазмунан нақлшуда дуруст навишта шудааст?**

**A)** Бузургон гуфтаанд: - "Дарахт дар як ҷой месабзад."
**B)** Бузургон гуфтаанд, ки дарахт дар як ҷой месабзад.
**C)** Бузургон гуфтаанд: - дарахт дар як ҷой месабзад.
**D)** Бузургон гуфтаанд, ки "Дарахт дар як ҷой месабзад."

**22.** **Ба ҷойи сенуқта хабари ҷумларо интихоб намоед, ки ба мубтадо мувофиқат кунад:**

*Соли 1978 бо қарори ЮНЕСКО 100-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ ...*

**A)** ҷашн гирифта шуд **C)** ҷашн гирифта буданд

**B)** ҷашн гирифтанд **D)** ҷашн гирифтанӣ буданд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**23.** **Мазмуни байти зерини Носири Хусрав ба кадом сухан мувофиқ аст?**

*Зи некон бош, андар некуӣ кӯш,*
*Макун некии кас аз дил фаромӯш.*

A) Бо некукорон бош ва некии онҳоро фаромӯш накун.
B) Накукор бош ва некии дигаронро низ фаромӯш накун.
C) Некукор бош ва некии кардаатро фаромӯш накун.
D) Ба дигарон некӣ кун ва он некиро фаромӯш накун.

**24.** **Бозор Собир дар байти зерин ба кадом масъала ишора кардааст?**

*Ҳар куҷое буд Турсунзода Мирзо, халқ буд,*
*Ҳар куҷое халқ буд, Мирзои Турсунзода буд.*

A) Мирзо Турсунзода ҳамеша бо халқ буд, ҳама ӯро дӯст медоштанд.
B) Мирзо Турсунзода ҳамеша дар ҳар куҷо бо халқ ҳозир буд.
C) Мирзо Турсунзода дар ҳар куҷо халқро ба назди худ мехонд.
D) Мирзо Турсунзода ба ҳар куҷо бо ҳамроҳии халқ мерафт.

**25.** **Ба имлои калимаҳои сутуни чап диққат дода, маънои онҳоро аз сутуни рост муайян намоед:**

A) дара
B) дарра
C) дарав
D) даррав

1) тозиёна, тасмаи чармин
2) тез, зуд, фавран
3) ҳамвории байни ду кӯҳ
4) кишти ҷаву гандум ва юнучқа
5) бо дос ё мошин буридани (ҷамъ овардани) алаф ё ғалла

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26.** **Муродифҳо (ҷуфт)-и калимаҳоро аз сутуни рост муайян намоед:**

A) доду
B) даву
C) гиряву
D) дарду

1) фарёд
2) нола
3) тоз
4) ғазаб
5) алам

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Маънои ибораҳои маҷозиро аз сутуни рост муайян намоед:**

A) сари сахт
B) одами сахт
C) кори сахт
D) гапи сахт

1) сухани дурушт, дағал
2) меҳнати вазнин, душвор
3) хасис, мумсик
4) сухани беҳуда, беасос
5) бахти бад, бебахтӣ

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**28.** **Аз калимаҳои сутуни чап ва рост истифода намуда, ибораи изофӣ созед:**

**A)** китоб — **1)** мардона

**B)** ҷумла — **2)** бадей

**C)** либос — **3)** шинохта

**D)** бача — **4)** мураккаб

**5)** доно

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Аз калимаю ибораҳои сутуни рост истифода бурда, ҷумлаи мураккаб созед:**

**A)** Кадбону бисёр шуд, ... — **1)** одамро меҳнат.

**B)** Дарёро об машҳур мекунад, ... — **2)** одамро аз кораш.

**C)** Парандаро аз парвозаш баҳо медиҳанд, ... — **3)** хона норӯфта монд.

**D)** Ҳар кӣ обе медиҳад, ... — **4)** баҳри савобе медиҳад.

**5)** баҳри коре меравад.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**30.** **Маълумоти додашударо чунон ба ҳам пайваст намоед, ки дар бораи ҳаёти Аҳмади Дониш матни мухтасаре ҳосил шавад:**

**A)** Аҳмади Дониш шоир, нависанда, олим, наққош ва — **1)** ӯ манзараҳои Москва ва Петербургро хеле хуб тасвир намудааст.

**B)** Илми астрономияро нағз медонист ва — **2)** ӯ дар асари калонҳаҷми “Наводир-ул-вақоеъ” навиштааст.

**C)** Дониш солҳои 1857, 1869 ва 1873 дар ҳайати сафорати амири Бухоро — **3)** ба кишвари Русия фиристода мешавад.

**D)** Ҳамаи дидаву шунидаи ин сафарҳоро — **4)** ба наққошӣ – рассомӣ низ майлу рағбат дошт.

**5)** асосгузори равияи маорифпарварии адабиёти тоҷик буд.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 8

**1. Чанд калима ғалат навишта шудааст:** ***амбор, амбӯр, замбур, самбӯса*****?**

A) як калима  B) ду калима  C) се калима  D) чор калима

**2. Ҳангоми алоқаманд шудани калимаҳо дар кадоме аз ин ибораҳо ғалат роҳ ёфтааст?**

A) ҷойи кор  B) хонаии мо  C) мавзӯи дарс  D) рӯйи олам

**3. Ҷумларо хонда, муайян намоед, ки кадоме аз ин калимаҳо ҳамсадои талаффузнашаванда дорад?**

*Лаклаки сиёҳ нисбат ба лаклаки сафед хурдтар аст. (И. Абдусаломов)*

A) сафед  B) лаклак  C) нисбат  D) хурдтар

**4. Дар ҷумлаи зерин кадом калима муродиф (синоним)-и калимаи “*анис*” аст?**

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст... (Абдураҳмони Ҷомӣ)*

A) омӯзгор, устод
B) машваратчӣ, мушовир
C) дӯст, ҳамдам
D) ҳамроҳ, шарик

**5. Таъбир (ибораи фразеологӣ)-и “*дандон тез кардан*” чӣ маъно дорад?**

A) кина варзидан; тамаъ ҷустан
B) ба сахтӣ тоб овардан, сабр кардан
C) маломат кардан, сухани сахт гуфтан
D) ба хӯрдан омода шудан, иштиҳо кушода шудан

**6. Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом услуби баён навишта шудааст?**

A) бадеӣ
B) илмӣ
C) расмӣ (коргузорӣ)
D) рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**7. Аз рӯйи мазмуни байт муродиф (синоним)-ҳои калимаи “мутриб”-ро муайян намоед.**

*Мутриби хушнаво бигӯ, тоза ба тоза, нав ба нав,*
*Бодаи дилкушо биҷӯ, тоза ба тоза, нав ба нав. (Ҳофизи Шерозӣ)*

A) гӯянда ва ҷӯянда
B) гӯянда ва шунаванда
C) хонанда ва бинанда
D) навозанда ва сароянда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**8.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи ибораи фразеологии “*чашм пӯшидан*” кадом феълро гузоштан мумкин аст?**

***Агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекӣ чашм пӯшем, содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ забони тоҷикист. (С. Айнӣ)***

**A)** сарфи назар кунем
**B)** истифода набарем
**C)** инкор кунем
**D)** аз назар дур кунем

**9.** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Ҷумлаи пайрави замон замони воқеъ гардидани амали сарҷумларо фаҳмонида, бо пайвандакҳои* вақте ки, ҳангоме ки, ҳамин ки, пеш аз он ки, пас аз он ки, даме ки *ва ғайра ба сарҷумла алоқаманд мегардад. Он ба саволҳои* кай?, то кай?, кай боз? *ҷавоб мешавад.***

**A)** бадеӣ
**B)** илмӣ
**C)** расмӣ (коргузорӣ)
**D)** рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**10.** **Дар кадом қатор исмҳои хос дуруст навишта шудаанд?**

**A)** Шаҳритус, Конибодом, Шаҳринав
**B)** Шаҳритӯс, Кони Бодом, Шаҳринав
**C)** Шаҳритӯс, Конибодом, Шаҳри Нав
**D)** Шаҳри Тӯс, Кони Бодом, Шаҳри Нав

**11.** **Мувофиқи кадом қоида нумератив дуруст навишта шудааст?**

**A)** Аз шумораҳо ҷудо навишта мешаванд: як то.
**B)** Бо шумораҳо якҷоя навишта мешаванд: якто.
**C)** Аз шумораҳо - рақамҳо ҷудо навишта мешаванд: 1 то.
**D)** Аз шумораҳо бо нимтире ҷудо навишта мешаванд: як-то.

**12.** **Калимаҳои “*кадом*”, “*ким-кадом*”, “*ким-кӣ*”, “*ким-чӣ*” ва “*ягон*” ба кадом гурӯҳи ҷонишинҳо дохил мешаванд?**

**A)** манфӣ **B)** таъйинӣ **C)** номуайянӣ **D)** нафсӣ-таъкидӣ

**13.** **Кадоме аз гурӯҳи ин калимаҳо зарфанд?**

**A)** болаззат, заррин, форам, ягона
**B)** базӯр, ногаҳон, оромона, пагоҳӣ
**C)** хандида, мехондагӣ, хонданӣ, шунаванда
**D)** гапзанон, нафаскашон, табассумкунон, парвозкунон

**14.** **Асоси замони гузаштаи феълҳои “*бин*”, “*афрӯз*”, “*шӯй*” ва “*о(й)/биё*” кадомҳоянд?**

**A)** дид, фурӯз, шӯй, биё
**B)** дид, афрӯзид, шушт, биёмад
**C)** дид, афрӯхт, шуст, омад
**D)** мебинад, меафрӯзад, мешӯяд, меояд

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**15.** **Дар иборахои *"аспи саманд"*, *"себи хубонӣ"*, *"орзуи наҷиб"* ва *"одами хондагӣ"* ҷузъҳои асосиашон кадом ҳиссаи нутқанд?**

A) исм B) сифат C) феъл D) зарф

**16.** **Кадоме аз ин ҷумлаҳо содаи яктаркиба аст?**

A) Субҳи ин ҷо сокит аст.
B) Барф бошиддат меборид.
C) Бибиҷонам аз шаҳр омаданд.
D) Субҳи имрӯз меҳмононро пешвоз мегирем.

**17.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта сифати мувофиқро гузоред:**

***Тобистон ва тирамоҳи соли бисту сеюм дар деҳаи мо воқеаҳои ... рӯй доданд. (С. Улуғзода)***

A) ғалат B) ғалатӣ C) назарфиреб D) фиребанда

**18.** **Аз ин ҷумла ҳиссачаро нишон диҳед:**

***Ана, ҳафт-ҳашт рӯз аст, ки мо дар хонаи Шарофатхола ҳастем.***

A) аст B) ки C) ана D) дар

**19.** **Хабари кадом ҷумла дар сиғаи эҳтимолии феъл ифода шудааст?**

A) Бо шунидани он байтҳо завқкунон хандидам. (С. Айнӣ)
B) Корашон тамом шудагист ё ягон кори дигар баромадагист. (С. Айнӣ)
C) Ана, ин маблағро ҳам гиред, векселе тайёркардаатонро ба ман диҳед. (С. Айнӣ)
D) Корвон ба сарҳади хоки Қаротегин расида манзил гирифтанӣ шуд. (С. Айнӣ)

**20.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта аъзои туфайлии мувофиқро гузоред:**

***"Дар баста нест, ..., ..." – садо доданд устод. (У. Раҷаб)***

A) канӣ-канӣ, бинем
B) ба чашм, албатта
C) марҳамат, бифармоед
D) медаромадед, хуш омадед

**21.** **Дар байти зерин кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд?**

***Ялонро сару синаву пову даст,***
***Буриду дариду шикасту бубаст. (Абулқосими Фирдавсӣ)***

A) мубтадо ва хабар
B) муайянкунанда ва хабар
C) ҳол ва хабар
D) пуркунанда ва хабар

**22.** **Ин чӣ гуна ҷумла аст?**

***Агар шумо як рӯзи дароз дар ин боғ сайр кунед ҳам, аз тамошои дарахтони гуногуни он сер намешавед.***

A) ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави шарт
B) ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб
C) ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави хилоф
D) ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**23. Байти зерини Абулқосими Фирдавсӣ чӣ маънӣ дорад?**

***Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,***
***Ки тухми суханро парокандаам.***

**A)** Ӯ аз ин пас намемирад, чунки ҳамеша зинда аст.
**B)** Ӯ намемирад, чунки суханҳои парокандаро ҷамъ овардааст.
**C)** Ӯ ба замин тухми сухан киштааст, аз ин рӯ намемирад.
**D)** Ӯ аз назм кохе бегазанд бунёд намудааст, ки номашро зинда медорад.

**24. Кадом рӯйдод сабаб шуд, ки Садриддин Айнӣ аз Самарқанд ба Сталинобод (Душанбе) омад ва минбаъд ин шаҳрро ҷойи истиқомат қарор дод?**

**A)** тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна ва ба ҳайати РСС Ӯзбекистон дохил шудани шаҳри Самарқанд
**B)** таъсиси Академияи илмҳои Тоҷикистон ва президенти он интихоб гардидани устод Айнӣ
**C)** муносибати душманона ба шахсияти устод Айнӣ ва асарҳои ӯ дар шаҳри Самарқанд
**D)** дар шаҳри Сталинобод ба устод Айнӣ хона тухфа намудани Ҳукумати РСС Тоҷикистон

**25. Ҷуфтҳои мувофиқи калимаҳои сутуни чапро муайян кунед:**

**A)** мӯру — **1)** гудоз
**B)** ҷӯшу — **2)** хурӯш
**C)** сӯзу — **3)** пӯписа
**D)** дӯғу — **4)** малах
**5)** ҷурғот

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26. Синоним (муродиф)-и тоҷикии калимаҳои арабиро нишон диҳед:**

**A)** наҷм — **1)** моҳ
**B)** шамс — **2)** ситора
**C)** олам — **3)** офтоб
**D)** фалак — **4)** гетӣ
**5)** осмон

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27. Маънои ибораҳо (таъбирҳо)-и сутуни чапро аз сутуни рост муайян намоед:**

**A)** майна об кардан — **1)** саросема шудан, худро гум кардан
**B)** об карда хӯрдан — **2)** фирефтан, фиреб додан
**C)** дасту по хӯрдан — **3)** дар бораи чизе хуб фикр кардан
**D)** гӯл задан — **4)** чизеро гум кардан, аз даст додан
**5)** чизеро хуб ва ҳаматарафа донистан

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**28.** **Аз калимаҳои сутуни чап ва рост истифода намуда, ибораи изофӣ созед:**

| | |
|---|---|
| **A)** забон | **1)** гулгун |
| **B)** чашм | **2)** тобдор |
| **C)** дил | **3)** нозук |
| **D)** рух | **4)** шаҳло |
| | **5)** ширин |

**Ҷавоб:**

**29.** **Ба ҷойи нуқтаҳо муайянкунандаҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Абрҳои ... ба рӯйи моҳи ... ва ситораҳо пардаи сиёҳ кашиданд. (С. Айнӣ) | **1)** хом, зард |
| **B)** Кӯшкҳо дар моҳтобшаб монанди нуқраи ... ҷилои ... медиҳанд. (С. Улуғзода) | **2)** тира, мунир |
| **C)** Мо ба суханони ...-и устоди хирадманди худ, бо диққати ... гӯш медодем. (П. Толис) | **3)** пухта, заррин |
| **D)** Чунин булбулон танҳо дар чаманистони ... ва гулистони ... пайдо мешаванд. (А. Истад) | **4)** зебо, дилрабо |
| | **5)** пурқимат, беинтиҳо |

**Ҷавоб:**

**30.** **Байти зерин аз эҷодиёти кадом шоир аст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Ростиро пешаи худ кун мудом,<br>То шавӣ дар ҳар ду олам некном. | **1)** Камоли Хуҷандӣ |
| **B)** Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,<br>Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб? | **2)** Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| **C)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,<br>Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд. | **3)** Низомии Ганҷавӣ |
| **D)** Илм чандон ки бештар хонӣ,<br>Чун амал дар ту нест, нодонӣ. | **4)** Ҷалолиддини Румӣ |
| | **5)** Саъдии Шерозӣ |

**Ҷавоб:**

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 9

**1. Дар калимаҳои *“хушбахтӣ”*, *“некӣ”* ва *“зебоӣ”* садоноки *ӣ* чӣ вазифаро иҷро намудааст?**

A) овози таркиби калима
B) пасванд (суффикс)-и калимасоз
C) бандаки феълӣ
D) бандаки хабарӣ

**2. Дар кадом гурӯҳи калимаҳо бо иваз намудани ҳарфи *у* ба *ӯ* маънои калима дигар мешавад?**

A) бону, дору, орзу
B) умр, усто, устод
C) буд, шуд, дуд
D) куш, мур, хурд

**3. Бо афтидани ҳарфи ъ (аломати сакта) маънои кадом калима тағйир меёбад?**

A) ҷамъ, маъно
B) таъзия, баъзе
C) раъд, саъд
D) мавзӯъ, масъала

**4. Ҳаммаъно (синоним)-ҳои калимаи *“далер”*-ро нишон диҳед:**

A) бузург, калон
B) нотарс, диловар
C) пирӯз, ғолиб
D) инсон, шахс

**5. Дар ҷумлаи зерин ибораи (таъбири) *“кушодарӯй будан”* ба кадом маънӣ омадааст?**

***Бо меҳмон кушодарӯй ва хандон бош, ҳарчанд меҳмон нагуфта ояд, рӯй турш накун.***

A) меҳрубон ва чеҳрахандон будан
B) хандон ва андаке хиҷил будан
C) бо рӯйи кушода ва шармгин будан
D) ба тарфи меҳмон нигоҳ карда гап задан

**6. Услуби баёни кадоме аз навиштаҳои пешниҳодгардида бадеӣ аст?**

A) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”
B) Мақолаи “Иншои хурд (эссе) ва тарзи навиштани он”
C) Китоби дарсии “Забони тоҷикӣ”
D) Қиссаи “Одина”-и Садриддин Айнӣ

**7. Имлои шумораи тартибӣ дар кадом банд дуруст аст?**

A) 2002-ум
B) 2002ум
C) 2002-юм
D) 2002юм

**8. Имлои исмҳо бо шумораи миқдорӣ дар кадом банд дуруст аст?**

A) ду савор, ду-се саг
B) ду саворон, ду-се сагон
C) ду саворҳо, ду-се сагҳо
D) ду саворагон, ду-се сагон

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**9.** **Дар байти зерин феълҳои *“меҳмон шав”* ва *“гулистон кун”* кадом шахс ва шумораро нишон медиҳанд?**

*Биё, меҳмони ман шав, эй бародар,*
*Гулистон кун даме кошонаи ман. (Лоиқ Шералӣ)*

A) шахси якум, шумораи танҳо
B) шахси дуюм, шумораи танҳо
C) шахси сеюм, шумораи танҳо
D) шахси дуюм, шумораи ҷамъ

**10.** **Дар зарбулмасали зерин иборaҳои *«ҷойи худ» ва “пойи худ”*-ро боз чӣ гуна ифода кардан мумкин аст?**

*Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ.*

A) ҷоятро, поятро
B) ҷоятонро, поятонро
C) ҷойи ту, пойи ту
D) ҷоямро, ҷоятро

**11.** **Қатори иборaҳои изофиро муайян кунед.**

A) баландтарин қулла, осмони соф
B) тоҷи заррин, нури офтоб
C) ниҳоят барвақт, се соат пеш
D) аз ҳама зебо, гул барин нозук

**12.** **Дар кадом ҷумла хабар ба мубтадо мувофиқат намекунад?**

A) Аммо чӯҷаҳояшро худаш калон намекунад.
B) Куку тухмҳояшро дар лонаи парандаҳои дигар мегузорад.
C) Куку парандаи машҳур буда, дар як сол 20 дона тухм мегузоранд.
D) Парандагони дигар тухми кукуро аз они худашон гумон мекунанд.

**13.** **Ҷумлаи бешахсро муайян намоед.**

A) Мо ин ҳунарро бояд аз худ кунем.
B) Ту вазифаро дар вақташ иҷро кун.
C) Ман бояд дарс тайёр кунам.
D) Вазифаро бояд иҷро кард.

**14.** **Ба ҷойи сенуқта муродифи луғавии мувофиқро гузоред.**

*Конститутсия ҳуҷҷатест, ки роҳи пешрафти халқу давлатро дар тӯли даҳсолаю садсолаҳо ...*

A) муайян мекунад
B) маълум мекунад
C) таъйин мекунад
D) равшан мекунад

**15.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи феъли *“саросема шуд”* ибораи фразеологии (таъбири) мувофиқро гузоред:**

*Аз нохост даромада омадани ҳамсоя ӯ андаке саросема шуд.*

A) лабу лунҷаш овезон шуд
B) гул-гул шукуфт
C) даст ба гиребон шуд
D) дасту по гум кард

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**16.** **Услуби баёни ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

*Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.*

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** расмӣ (коргузорӣ)
**D)** рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**17.** **Ба ҷойи сенуқта сифати мураккабро гузоред.**

*Марди ... ҳар куҷо бувад, сарфароз аст.*

**A)** боҳунар **B)** соҳибҳунар **C)** ҳунарманд **D)** ҳунарвар

**18.** **Ба ҷойи нуқтаҳо масдарҳои мувофиқро гузошта, ҷумларо пурра кунед.**

*Ба некномӣ ... беҳ аз ба бадномӣ ...*

**A)** мурдан, зистан
**B)** хӯрдан, бурдан
**C)** гуфтан, нагуфтан
**D)** нарафтан, рафтан

**19.** **Аз рӯйи мазмуни ҷумла ба ҷойи нуқтаҳо шумораҳои мувофиқро гузоред.**

*Ба ... ҷавонмард ... ҳунар кам аст.*

**A)** як-ду, чор-панҷ **B)** як, сад **C)** як, чил **D)** як, ҳазор

**20.** **Ҷумларо аз рӯйи мазмун пурра кунед.**

*Сотим Улуғзода соли 1971 драмаи "Восеъ"-ро навишт, ки ...*

**A)** корнамоиҳои қаҳрамони халқи тоҷик Восеъро пурра омӯхтааст.
**B)** ба корнамоиҳои қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ бахшида шудааст.
**C)** кинофилми "Восеъ" ба навор гирифта шудааст.
**D)** аз беҳтарин сурудаҳо дар бораи корнамоиҳои Восеъ аст.

**21.** **Муайян намоед, ки дар кадом сатр ҷумлаи зерин ба нутқи мазмунан нақлшуда дуруст баргардонида шудааст:**

*Пурсидам: "Ин ҷавони ситорагарм кӣ буд?"*

**A)** Пурсидам: "Ин ҷавони ситорагарм кӣ буд?"
**B)** Пурсидам: - "Ин ҷавони ситорагарм кӣ буд?"
**C)** Пурсидамаш, ки: ин ҷавони ситорагарм кӣ буд?
**D)** Пурсидам, ки ин ҷавони ситорагарм кӣ буд?

**22.** **Вобаста ба замони воқеъ шудани амал ба ҷойи сенуқта хабари ҷумларо дуруст гузоред.**

*Шуҳрати Рӯдакӣ на танҳо Самарқанду Бухоро – ду пойтахти Сомониён, балки тамоми Хуросони бузургро ...*

**A)** фаро мегирифтааст
**B)** фаро хоҳад гирифт
**C)** фаро гирифта буд
**D)** фаро гирифтанист

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**23.** **Байти зерини Носири Хусрав чӣ маънӣ дорад?**

*Бародар он бувад, ки рӯзи сахтӣ*
*Туро ёрӣ кунад дар тангдастӣ.*

**A)** Бародарат ба ту дар рӯзи сахтӣ ёрӣ мерасонад.
**B)** Дар рӯзи сахтӣ танҳо бародарат ба ту ёрӣ мерасонад.
**C)** Дар рӯзи сахтӣ бародарат бояд ба ту ёрӣ расонад.
**D)** Бародарат ҳамон аст, ки ба ту дар рӯзи сахтӣ ёрӣ мерасонад.

**24.** **Вобаста ба ҷумлаи зерин кадом хулоса дуруст аст?**

***Мавзӯи сулҳ, дӯстии халқҳо, бародарӣ, ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ва аҳду паймон дар осори Мирзо Турсунзода мавқеи хоса дорад.***

**A)** Мирзо Турсунзода адиби забардаст аст.
**B)** Мирзо Турсунзода вассофи сулҳу дӯстӣ аст.
**C)** Мирзо Турсунзода дар адабиёти тоҷик мавқеи баланд дорад.
**D)** Мирзо Турсунзода бо андешаҳои ватандӯстона дар ҷаҳон шуҳрат дорад.

**25.** **Вазифаи ҳарфи *ӣ*-ро муайян намоед:**

**A)** маънӣ
**B)** дӯстӣ
**C)** хонагӣ
**D)** нишастӣ

**1)** пасванди исмсоз
**2)** бандаки хабарӣ
**3)** бандакӣ феълӣ
**4)** пасванди сифатсоз
**5)** овози таркиби калима

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**26.** **Муродифҳо (ҷуфт)-и калимаҳои сутуни чапро муайян намоед:**

**A)** мурод
**B)** бахт
**C)** зӯр
**D)** умед

**1)** мақсад
**2)** тавон
**3)** ният
**4)** орзу
**5)** иқбол

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**27.** **Маънои маҷозии ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** барги сабз
**B)** ранги зард
**C)** сари сабз
**D)** забони дароз

**1)** солимӣ, шодию хушбахтӣ
**2)** густохӣ, шаттоҳӣ
**3)** тухфа, армуғон
**4)** гули аввали баҳор
**5)** беморӣ, бетобӣ

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**28.** **Аз таркибҳо ва калимаҳои сутуни чап ва рост ибораи масдарӣ созед:**

**A)** ба мурод
**B)** ба дунё
**C)** бо як чашм
**D)** аз сар

**1)** гузаштан
**2)** нишастан
**3)** омадан
**4)** дидан
**5)** расидан

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед:**

**A)** Баҳмут бо пойҳои кӯтоҳаш ... роҳ меравад.
**B)** Дар алафзори васеъ сар диҳед, алафзорро ... мелесад.
**C)** Он ҳангоми ба об даромадан ... чобук мешавад.
**D)** Баҳмут ... шино карда, ҳатто чанд дақиқа дар қаъри об ғӯта мезанад.

**1)** *лавандона*
**2)** моҳирона
**3)** сар то сар
**4)** хурсандона
**5)** якбора

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**30.** **Давоми мантиқии ҷумлаҳои сутуни чапро аз сутуни рост муайян намоед, то дар бораи ҳаёти Ҳофизи Шерозӣ матни мухтасаре ҳосил шавад:**

**A)** Ҳофизи Шерозӣ аз падар хеле хурд ятим монда, бо модар умр ба сар бурдааст.
**B)** Ҷустуҷӯи илму маърифат Ҳофизро ба бузургӣ мерасонад.
**C)** Баъзе ғазалҳои Ҳофиз душворфаҳм буда, шарҳу эзоҳ мехоҳанд.
**D)** Ҳофиз ҳамчун шоири ғазалсаро шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.

**1)** Чанде аз гуфтаҳои шоир маънои рамзӣ ҳам доранд.
**2)** Ғазалҳои ӯ ба забони равони тоҷикӣ навишта шудаанд.
**3)** Ӯ бо кӯшиш ва доништалабӣ яке аз шоирони пешқадами замони хеш гардид.
**4)** Ғазалҳои ӯ ба чандин забонҳои дунё тарҷума шуда, ҳаводоронаш низ зиёданд.
**5)** Ӯ бо нияти таъмини аҳли хона ба дукони нонвое ба хидматгорӣ даромад.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

## Варианти 10

**1. Дар қатори кадоме аз ин калимаҳо садоноки *ӣ* овози таркиби калима аст?**

A) будӣ, дидӣ, додӣ, шудӣ
B) бибӣ, ҷорӣ, қозӣ, киштӣ
C) бадӣ, нағзӣ, некӣ, шодӣ
D) хабарӣ, хайрӣ, хомӯшӣ, хунукӣ

**2. Дар кадоме аз қатори ин калимаҳо овози *ӯ* дуруст навишта шудааст?**

A) шӯрбо, тулӯъ, чӯб
B) бӯҳрон, кӯҳна, тӯҳфа
C) шӯъба, шӯъла, лӯъбат
D) мӯътадил, мӯътабар, мӯъҷиза

**3. Имлои кадом калимаҳои бо ҳамсадоҳои такрор дуруст аст?**

A) кисса, зиннат, қиммат, мазза
B) бачча, галла, силла, парранда
C) арра, барра, пурра, тилло
D) гилла, силла, пилла, аққалан

**4. Истилоҳи *ҷумҳурӣ* акнун ба ҷойи кадом калима истифода мешавад?**

A) демократӣ
B) соҳибистиқлол
C) сотсиалистӣ
D) республика

**5. Дар ибораи кадом банд калима ба маънои маҷозӣ омадааст?**

A) дашном додан
B) савганд хӯрдан
C) паймон кардан
D) ҳақи касеро хӯрдан

**6. Сухан дар бораи кадом услуби забон меравад: *"Ин услуб дар соҳаи иттилоот (мақола, хабар, очерк, репортаж, мусоҳиба) ва гузоришоти радио ва телевизион истифода мешавад."***

A) илмӣ
B) бадеӣ
C) рӯзноманигорӣ
D) расмию коргузорӣ

**7. Дар қатори кадоме аз ин калимаҳо пасванди калимасози *-истон* истифода шудааст?**

A) пистон, чистон, додситон
B) користон, регистон, хористон
C) бӯстон, зимистон, тобистон
D) бисистон, дилситон, фиристон

**8. Асоси замони ҳозираи феълҳои зеринро нишон диҳед: *бурдан, дидан, дӯхтан, навиштан***

A) бар, бин, дӯз, навис
B) бурд, дид, дӯхт, навишт
C) биёвард, бибурд, бидӯхт, бинвишт
D) биёр, бубин, медӯзад, менависад

**9. Қатори кадоме аз ин калимаҳо сифат аст?**

A) ночор, ноилоҷ, ногоҳ
B) баногоҳ, барвақт, барқасд
C) ноаҳлӣ, ноинсофӣ, нодонӣ
D) ношинос, номаълум, нодаркор

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**10.** **Шумораҳои тахминиро нишон диҳед:**

**A)** 2-юм, 9-ум, 24-ум, 33-юм
**B)** якто, бистто, чилто, сесадто
**C)** як-ду, ду-се, се-чор, сӣ-чил
**D)** сеяк, аз ду як, даҳяк, аз панҷ ду

**11.** **Ҷумлаи** ***“Модари ҷисмониям маро зоида бошад, ту маро парвариш карда расондаӣ ...”*** **аз рӯйи оҳанг чӣ гуна аст?**

**A)** амрӣ
**B)** хитобӣ
**C)** саволӣ
**D)** ҳикоягӣ

**12.** **Пайвандакҳои** ***ки, мисли он ки, чи тавре ки, чунонки*** **чӣ гуна ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла тобеъ менамояд?**

**A)** Ҷумлаи пайрави тарзро.
**B)** Ҷумлаи пайрави сабабро.
**C)** Ҷумлаи пайрави замонро.
**D)** Ҷумлаи пайрави монандиро.

**13.** **Дар кадоме аз ин ҷумлаҳо муайянкунанда чида шудааст?**

**A)** Дар ошхона барои ошпазӣ ва обгармкунӣ дегҳои ҷудогона шинонданд. (С.Айнӣ)
**B)** Субҳ ва шом дар хонаҳои худ нону чой мехӯрданд. (Ф. Муҳаммадиев)
**C)** Ҳирот дар сари роҳҳои тиҷоратӣ ва маданӣ меистод. (Р. Ҳошим)
**D)** Бо ман далерона, бетаъзиму тавозуъ гап зада буд. (С. Улуғзода)

**14.** **Дар байти зерин ба ҷойи сенуқта ҳамгуна (омоним)-и мувофиқ гузоред:**

*Ҷомаи ҷон чок шуд, ...е зи пироҳан бубахш,*
*К-аз чунон ришта тавон пайванд кард ин чокро. (Абдураҳмони Ҷомӣ)*

**A)** хор
**B)** тор
**C)** нор
**D)** бор

**15.** **Дар байти зерини Бадриддини Ҳилолӣ ба ҷойи сенуқта ибораи мувофиқ гузоред, ки ба маънои маҷозӣ омадааст:**

*Зи дил файзе, ки ҷӯйӣ, ҷуз баён нест,*
*Забони теғ чун ... нест.*

**A)** теғи забон
**B)** теғи алмос
**C)** теғи буррон
**D)** теғи ханҷар

**16.** **Услуби баёни порчаи зеринро муайян кунед:** ***“Ғолибони ҷойҳои якуми даври чоруми (ҷумҳуриявӣ)-и Олимпиада дар сурати ба даст овардани холҳои муайянгардида (аз 90 то 100 хол) бо тӯҳфа, медал, Ифтихорнома ва Тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гашта, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сурати мувофиқат кардани фан ба ихтисос ба тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.”***

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** рӯзноманигорӣ
**D)** расмию коргузорӣ

**17.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқ гузоред:**

***Ман падари ...ро надидаам, кӣ будани ...ро ҳам намедонам.*** **(С.Айнӣ)**

**A)** хештан, он
**B)** худ, ӯ
**C)** вай, хеш
**D)** онҳо, худ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**18.** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаи мувофиқ гузоред:**

*Саллаи шумо ... дер боз рӯйи тағораи ҷомашӯиро надидааст? (С. Айнӣ)*

A) -ку  B) наход  C) магар  D) на ин ки

**19.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи пешоянди** *ба* **кадом пешоянди дигарро истифода кардан мумкин аст:** *"Одина ба синни дувоздаҳсолагӣ аз падару модари худ ҷудо шуда, ятиму бекас монда буд."? (С. Айнӣ)*

A) аз  B) бо  C) то  D) дар

**20.** **Ҷумларо аз рӯйи мазмун пурра кунед:**

*Агар дар фаҳмидани маънои калимаҳо душворӣ кашед, ...*

A) асарҳои адибони машҳурро мутолиа кунед.
B) ба китобҳои луғат нигаред ё ба устодон муроҷиат намоед.
C) китобро варақ зада ба мазмуну мундариҷаи он шинос шавед.
D) барои боз ҳам беҳтар аз худ намудани мавзӯъ кӯшиш намоед.

**21.** **Сохти ҷумларо муайян кунед:** *Замин сахту осмон баланд.*

A) мураккаби тобеъ
B) мураккаби пайваст
C) содаи яктаркиба
D) содаи дутаркиба

**22.** **Хели ҷумлаи пайравро муайян намоед:** *Падарам, дар ҳолате ки аз дидори дӯсташ шод буд, ба модарам гуфт. (С. Улуғзода)*

A) Ҷумлаи пайрави тарз.
B) Ҷумлаи пайрави замон.
C) Ҷумлаи пайрави мақсад.
D) Ҷумлаи пайрави монандӣ.

**23.** **Кадом асари Убайди Зоконӣ ба тариқи масал навишта шудааст?**

A) "Даҳ фасл"
B) "Ахлоқ-ул-ашроф"
C) "Муш ва гурба"
D) "Рисолаи дилкушо"

**24.** **Сухани зерин дар бораи кадом адиби тоҷик аст?**

*"Номи ... дар Шарқ байрақи мубориза аст."* **(Рӯзномаи "Правда", соли 1933)**

A) Садриддин Айнӣ
B) Абулқосим Лоҳутӣ
C) Ҳабиб Юсуфӣ
D) Пайрав Сулаймонӣ

**25.** **Маънои калимаҳои сутуни аввалро аз сутуни дуюм нишон диҳед:**

A) куб
B) кӯб
C) тур
D) тӯр

1) паҳлавон, далер
2) бофтае аз ресмон ё сим
3) бисёр, бисёрӣ; ҳамакаса
4) асоси замони ҳозираи феъл: зарбу лат
5) шакли ҳандасии шашрӯяи ҳар як тарафаш бо ҳам баробар

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**26.** **Муродиф (синоним)-и калимаҳоро муайян намоед:**

A) форам
B) хуррам
C) тавоно
D) хирадманд

1) зӯр
2) шод
3) гуворо
4) хушрӯз
5) бозаковат

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Маънои ибораҳои фразеологиро муайян намоед:**

A) аз даҳон мондан
B) думро хода кардан
C) чашм кушода шудан
D) ҷойи нишастан наёфтан

1) безобита будан, бисёр беқарор будан
2) куҳна шудан, аз истеъмол баромадан
3) ба тақлиди касе кори нодуруст кардан
4) шармандавор фирор кардан
5) ҳушёр шудан, некро аз бад фарқ кардан

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28.** **Мувофиқати воҳидҳои синтаксисӣ ва ҷумлаҳоро муайян кунед:**

A) мухотаб
B) нутқи айнан нақлшуда
C) нутқи мазмунан нақлшуда
D) аъзои истисноии ҷумла

1) Саркор бо дасташ ишора кард, ки камтар сабр кунанд. (Ф. Ниёзӣ)
2) Мо – падару писар аз хона баромада, ба ҳавлии бобоям рафтем. (С. Айнӣ)
3) Шодигул, ба модаратон гӯед, ки заҳмат накашанд. (С. Улуғзода)
4) “Аз лой гурехта ба лойдон афтодам”, - оҳ кашид Ҳоҷӣ. (Р. Ҷалил)
5) Бе шумо ҳам ҳамин хокро мекашонем, ҳамин ниҳолҳоро мешинонем. (Р. Ҷалил)

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Аъзои ҷумлаи зарбулмасали *“Гурба дар хобаш дунба мебинад.”*-ро нишон диҳед:**

A) гурба
B) дунба
C) мебинад
D) дар хобаш

1) ҳол
2) хабар
3) мубтадо
4) пуркунандаи бавосита
5) пуркунандаи бевосита

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**30.** **Мувофиқати байтҳоро бо суханҳои дар сутуни рост додашуда муайян намоед:**

**A)** Дониш андар дил
чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани
ту ҷавшан аст.
(*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*)

**B)** Сухан бифканад минбару
дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.
(*Абӯшакури Балхӣ*)

**C)** Ҳар он кас ки дониш
фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор
хомӯш кунад.
(*Абулқосими Фирдавсӣ*)

**D)** Касе, к-ӯ ба дониш
тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор
беҳтар бувад.
(*Абулқосими Фирдавсӣ*)

**1)** Шахси хирадманд ҳамеша беозор ва нармгуфтор аст.

**2)** Он беҳ, ки шахси бедониш дар сухан накӯшад.

**3)** Илм раҳнамою раҳкушо ва нигаҳбон аз ҳар балост.

**4)** То мард сухан нагӯяд, айбу ҳунараш пӯшида бимонад.

**5)** Гапи ногувор одамро мекушад, аммо гуфтори ширин дилҳоро нарм мекунад.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙҒОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 11

**1. Мувофиқи қоидаи имло кадом калимаҳо дуруст навишта шудаанд?**

A) мура, мутарам, субат
B) мӯра, мӯтарам, сӯбат
C) мӯҳра, мӯҳтарам, сӯҳбат
D) муҳра, муҳтарам, суҳбат

**2. Дар кадом қаторе аз ин калима ва ибораҳо ҳарфи *ӣ* дуруст навишта шудааст?**

A) тӯти, ҳавли, шоли
B) корӣ, хонагӣ, даштӣ
C) корӣ ман, хонаӣ калон, даштӣ васеъ
D) рӯзи кори, кори хонаги, мурғи дашти

**3. Дар калимаҳои *ҳалво – ҳавло, дарё – дайро, ҷумъа – ҷуъма* кадом ҳодисаи фонетикӣ мушоҳида мешавад?**

A) афтидани овозҳо
B) монанд шудани овозҳо
C) ихтисор шудани овозҳо
D) ҷой иваз кардани овозҳо

**4. Муродиф (синоним)-ҳои калимаи *“истиқлолият”*-ро нишон диҳед:**

A) мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ
B) ихтиёрӣ, новобастагӣ
C) озодӣ, баробарӣ
D) якпорчагӣ, муттаҳидӣ

**5. Ибораи фразеологии *“таги чашм кардан”* чӣ маъно дорад?**

A) касеро чашм кардан
B) ба касе чашм расидан
C) касе ё чизеро бо зери чашм нигаристан
D) касе ё чизеро бо мақсаде мадди назар гирифтан

**6. Услуби баёни кадоме аз ин навиштаҳо расмист?**

A) лавҳа
B) қисса
C) қарордод
D) рисола

**7. Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл сохта шудааст?**

A) корбаст
B) бастабанд
C) бандубаст
D) шикастабанд

**8. Қатори кадоме аз ин калимаҳо сифатанд?**

A) гармхона, тангкӯча, пасткӯча
B) майдагул, яккабоғ, чилчароғ
C) дуродур, рангоранг, ҷоноҷон
D) пиразан, пирамард, ҷавонзан

**9. Шумораҳои мураккабро нишон диҳед:**

A) бист, чиҳил, ҳафтод, навад
B) дусад, чордаҳ, чоряк, шашяк
C) аз се як, бисту ду, сию се, яку ним
D) ду-ду, се-се, сетой-сетой, ягон-ягон

**10. Шакли номуайяни феълҳоро нишон диҳед:**

A) дав, шунав, табассум кун
B) давида, шунида, табассум карда
C) давон, шунидагӣ, табассумкунон
D) давидан, шунидан, табассум кардан

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**11.** ***“Аъзои пайрави ҷумла, ки замон, макон, тарзи амал, монандӣ, миқдору дараҷа, сабаб ва мақсади воқеъшавии амалро мефаҳмонад,”* кадом аст?**

**A)** хабар **B)** ҳол **C)** пуркунанда **D)** муайянкунанда

**12.** **Ҷумлаи зерин аз рӯйи ифодаи мақсад ба кадом хели он дохил мешавад? *“Рафта ба онҳо гӯй, дароянд.”* (С. Айнӣ)**

**A)** амрӣ **B)** саволӣ **C)** хитобӣ **D)** ҳикоягӣ

**13.** **Пайвандакҳои зерин чӣ гуна ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла тобеъ месозанд: *ки, то, то ин ки, барои он ки?***

**A)** ҷумлаҳои пайрави сабабро **C)** ҷумлаҳои пайрави натиҷаро

**B)** ҷумлаҳои пайрави мақсадро **D)** ҷумлаҳои пайрави монандиро

**14.** **Аз ҷумлаи зерин муайян кунед, ки пасоянди *қатӣ* бо кадом пешоянд муродиф аст: *“Ин роҳ қатӣ рафтан хавфнок аст.”* (С. Айнӣ)**

**A)** аз **B)** ба **C)** бо **D)** дар

**15.** **Маънои ибораи *“ақлро хӯрдан”*-ро муайян кунед:**

**A)** хотир парешон шудан
**B)** чизе ё касеро фаромӯш кардан
**C)** дар иҷрои коре бепарвоӣ кардан
**D)** бехирадона кор кардан, бефикр рафтор намудан

**16.** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

*Дар шаҳри Кӯлоб бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи “Нақши ҷавонон дар тарғиби фарҳанги миллӣ ва маҳкум намудани зуҳуроти бегонапарастӣ дар ҷомеа” машварат баргузор гардид.*

*Дар он шахсони масъули кумита ва вазоратҳои дахлдор иштирок намуданд.*

**A)** бадеӣ **B)** илмӣ **C)** расмӣ **D)** рӯзноманигорӣ

**17.** **Ба ҷойи сенуқта нидои мувофиқро гузоред:**

*..., чӣ хуш медамад насими баҳор.*

**A)** Ваҳ **B)** Ана **C)** Охир **D)** Эй

**18.** **Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

*Он замини шудгор набуда, ... дарёи Зарафшон ях баста будааст. (С. Айнӣ)*

**A)** аммо **B)** балки **C)** зеро **D)** чунки

**19.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта сифати мувофиқ гузоред:**

*Номат Рустам бошад ҳам, аз занат ҳам ... будаӣ. (С. Айнӣ)*

**A)** буздилтар **B)** бағурдатар **C)** зӯртар **D)** шердилтар

**20.** **Сохти ҷумларо муайян кунед: *“Ба як мард чил ҳунар кам аст.”***

**A)** содаи яктаркиба **C)** содаи дутаркибаи хуллас

**B)** содаи дутаркиба **D)** содаи дутаркибаи тафсилӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**21.** **Ин чӣ гуна ҷумла аст:** ***“Пеш аз он ки Олия ба кӯча барояд, чанд бор назди оина омад.”*** **?**

**A)** Ҷумлаи мураккаби тобеъ
**B)** Ҷумлаи мураккаби омехта
**C)** Ҷумлаи мураккаби пайваст
**D)** Ҷумлаи мураккаби сертаркиб

**22.** **Ба ҷумлаи пайрави зерин сарҷумлаи мувофиқ интихоб намоед:**
***..., ки ин хабарро зудтар ба мо расонад.***

**A)** Вай рафтааст
**B)** Вай рафтанӣ буд
**C)** Ӯ омадааст
**D)** Ӯ шунидааст

**23.** **Аҳмади Дониш дар кадом асараш доир ба пайдоиши заминҷунбӣ, вулқонҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, конҳо ва маъданҳо маълумот додааст?**

**A)** “Меъёр-ут-тадайюн”
**B)** “Рисола фӣ аъмол-ил-кура”
**C)** “Манозир-ул кавокиб”
**D)** “Наводир-ул-вақоеъ”

**24.** **Кадом сухан ба мазмуни панди зерини Садриддин Айнӣ мувофиқ аст?**

***Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,***
***Ба бекорию нодонӣ намонем.***
***Ба олам ҳар касе бекор гардад,***
***Ба чашми аҳли олам хор гардад.***

**A)** Танбал аз дарс гурезон аст.
**B)** Аз бекор ҳама безор аст.
**C)** Кор кунӣ, нон мехӯрӣ.
**D)** Нодонӣ аз бекорист.

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**25.** **Садоноки *ӣ* ба кадом вазифа омадааст? Мувофиқашро интихоб намоед:**

**A)** даҳӣ
**B)** яктоӣ
**C)** гуфтӣ
**D)** табиӣ

**1)** бандаки феълӣ
**2)** пасванди исмсоз
**3)** пасванди зарфсоз
**4)** пасванди сифатсоз
**5)** пасванди шуморасоз

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**26.** **Маъноиибораҳои фразеологиро муайян намоед:**

**A)** дил додан
**B)** дил рафтан
**C)** дил тах кашидан
**D)** дил хунук шудан

**1)** бемор шудан
**2)** ошиқ шудан
**3)** нисбат ба касе ё чизе бераѓбат шудан
**4)** ба воҳима афтодан, сахт тарсидан
**5)** ба чизе майл пайдо кардан

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А)
аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!

**27.** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқ гузоред:**

**A)** Овозҳои аз он ҷо баромада суст, паст ва як ...-и номаълум буд. (С. Айнӣ)

**B)** Як садои ...-и бисёр бадҳайбате Ёдгорро аз хобаш бедор кард. (С. Айнӣ)

**C)** Ин гапро шунида, ҳарду гӯши Сафар ... зад. (Ф. Ниёзӣ)

**D)** Вақте ки ман дарро накушодам, ... боз такрор шуд. (Ҷ. Икромӣ)

**1)** тақ-тақ

**2)** ҷарангос

**3)** гумбур-гумбур

**4)** пичир-пичир

**5)** шибир-шибир

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28.** **Аз калимаҳои додашуда ибораи изофӣ созед:**

**A)** шаб

**B)** рӯз

**C)** саҳар

**D)** вақт

**1)** солеҳон

**2)** говгум

**3)** ялдо

**4)** сахт

**5)** дилангез

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Калимаҳои овардашуда (сутуни аввал) ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд: “*Баҳром бо саманди зебояш гӯё парвозкунон мерафт.*”?**

**A)** мерафт

**B)** зебо

**C)** Баҳром

**D)** парвозкунон

**1)** ҳол

**2)** хабар

**3)** мубтадо

**4)** пуркунанда

**5)** муайянкунанда

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**30.** **Маълумоти дар ду сутун додашударо ба ҳам чунон пайваст намоед, ки дар бораи ҳаёти Садриддин Айнӣ матни мухтасар ҳосил шавад:**

**A)** Садриддини 10-сола соли 1888

**B)** Бо ёрии амаку дӯстонаш Садриддин ба Бухоро омада

**C)** Азбаски барои хондан пул надошт,

**D)** Дар зимистон ба пояш чизе надошт ва ҷомаи пахтагинаш низ тунук буд, лекин

**1)** хизматгорӣ карда, ризқу рӯзӣ меёфт.

**2)** ба ҳамин азобҳо тоқат карда, мадрасаро хатм кард.

**3)** дар шаҳри Душанбе вафот кард.

**4)** аввал аз падар ва пас аз он аз модар ятим монд.

**5)** дар мадрасаи Мири Араб таҳсил кард.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!**

## Варианти 12

**1. Аз рӯйи қоидаҳои имло садоноки *ӯ* дар калимаҳои кадом қатор дуруст навишта шудааст?**

A) дорӯ, орзӯ, олӯ, охӯ
B) абрӯ, бозӯ, гесӯ, гулӯ
C) зӯхра, кӯҳна, мӯхра, мӯҳтарам
D) лӯбиё, лӯлакабоб, лӯлӣ, лӯхтак

**2. Дар қатори кадоме аз ин калима ва ибораҳо ҳарфи ъ – сакта афтидааст (калима нодуруст навишта шудааст)?**

A) тайин, фаол
B) таом, маориф
C) мунис, муҷиб
D) мавзӯи сухбат, тулӯи офтоб

**3. Дар талаффузи ин гуна калимаҳо кадом ҳодисаи фонетикӣ мушоҳида мешавад: *қаст, тастиқ, шамбе, шуштан?***

A) табдил ёфтани овозҳо
B) талаффуз нашудани овозҳо
C) монанд шудани овозҳо
D) ҷой иваз кардани овозҳо

**4. Ҳаммаънои калимаҳои зеринро нишон диҳед: *сард, сармо, хуб, чиз, кас***

A) гарм, гармо, бад, ҳеҷ, нокас
B) хунук, хунукӣ, нағз, ашё, шахс
C) гарм, гармӣ, ганда, ҳеҷ чиз, ноодам
D) гарм, тобистон, нохуб, ночиз, нокас

**5. Ибораи рехтаи “*номаша гиру гӯшаша каш*” чӣ маъно дорад?**

A) касеро чеғ задан
B) гӯши касеро кашида танбеҳ додан
C) номи касеро гирифта гӯшашро кашидан
D) баробари ба забон гирифтани номи касе ҳозир шудани ӯ

**6. *Мактуб, табрикнома, даъватнома, тавсифнома, шарҳи ҳол, эълон ва варақаҳои гуногун* бо кадом услуб навишта мешаванд?**

A) бадеӣ B) расмӣ C) гуфтугӯӣ D) рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**7. Исмҳои мураккаберо, ки аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл сохта шудаанд, нишон диҳед:**

A) гуфтугӯ, кофтуков, пухтупаз
B) бардорузан, гирудор, давутоз
C) давуғеҷ, дидадаро, қаламтарош
D) додугирифт, гуфтушунид, омадурафт

**8. Дар қатори кадоме аз ин калимаҳо сифатҳо камӣ ва хурдию навозишро ифода кардаанд?**

A) аз ҳама хурд, ниҳоят майда
B) беҳтарин, камтарин, олитарин
C) гулобиранг, дӯстрӯяк, зардинарӯ
D) болобаланд, камхун, қадбаланд

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**9.** **Асоси замони гузаштаи феълҳои зеринро нишон диҳед:** ***банд, бош, деҳ***

A) баст, буд, дод
C) банд кард, бошид, дод
B) бандад, бошад, диҳад
D) мебаст, мебошад, медиҳад

**10.** ***Чунки, вақте ки, зеро, барои ин ки, дар ҳолате ки, монанди он ки, барои он ки, ба андозае ки*** **чӣ гуна пайвандакҳоянд?**

A) тобеъкунанда
C) пайвасткунанда
B) тобеъшаванда
D) тобеъкунанда ва пайвасткунанда

**11.** **Кадоме аз ин калимаҳо феълҳои бавоситаанд?**

A) мондан, рондан, хондан
C) навиштан, тарсидан, хандидан
B) давидан, гардидан, паридан
D) гардондан, нависондан, паррондан

**12.** **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст: *"Саркардагон, шоҳбачагон, амалдорон ва элнавкарон дар Қӯрғони Бойсун ба сари дастархон ҷамъ шуда, ба ошхӯрӣ машғуланд." (С. Айнӣ)***

A) ҳол
B) хабар
C) мубтадо
D) пуркунанда

**13.** **Ин чӣ гуна ҷумла аст: *"Ангура хӯру боғаша напурс!"***

A) ҷумлаи содаи яктаркиба
C) ҷумлаи содаи чидаъзо
B) ҷумлаи содаи дутаркиба
D) ҷумлаи мураккаби пайваст

**14.** **Муайян намоед, ки калимаи *муҳайё* аз чанд ҳарфу чанд овоз иборат аст.**

A) аз 6 ҳарфу 5 овоз
C) аз 6 ҳарфу 7 овоз
B) аз 6 ҳарфу 6 овоз
D) аз 6 ҳарфу 8 овоз

**15.** **Дар ин байт вожаи *чу* ба кадом маънист:**

*Боди сабо, чу бигзарӣ бар сари кӯйи он парӣ,*
*Қиссаи Ҳофизаш бигӯ тоза ба тоза нав ба нав.*

A) мисли
B) чунон
C) то даме ки
D) ҳамин ки

**16.** **Матни зерин бо кадом услуб навишта шудааст: *"... ҳатто порчаҳои барфҳое, ки бо гирдбод аз тарқиши дар ва сӯрохи равзан пайдарпай даромада меистанд, рӯйи хонаро монанди палоси сафед пӯшонда буданд." (С. Айнӣ)***

A) илмӣ
B) бадеӣ
C) расмӣ
D) рӯзноманигорӣ (публисистӣ)

**17.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***... боридани жола тезтар ва донааш ҳам калонтар шуд. (Ҷ. Икромӣ)***

A) Тез-тез
C) Оҳиста-оҳиста
B) Зуд-зуд
D) Ягон-ягон

ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!



РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**18.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта калимаи мувофиқи ба вазифаи пасоянд омадаро гузоред:**

*Ба ҳавлӣ расидан ... ба таги себ тохтем.*

A) барин B) замон C) интараф D) инҷониб

**19.** **Ба ҷойи сенуқта масдари мувофиқро гузоред:**

*Ӯ дар дил умеди як олам ... дошт.*

A) гуфтанҳо B) шуниданҳо C) шукуфтанҳо D) диданҳо

**20.** **Ин ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанг, тобиш) муайян кунед:**

*"Ҳамду сано бод ба зан, ба модар ... "*

A) ҷумлаи амрӣ
B) ҷумлаи саволӣ
C) ҷумлаи хитобӣ
D) ҷумлаи ҳикоягӣ

**21.** **Ин чӣ гуна ҷумла аст?**

*Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,... (Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)*

A) ҷумлаи мураккаби тобеъ
B) ҷумлаи мураккаби омехта
C) ҷумлаи мураккаби пайваст
D) ҷумлаи мураккаби сертаркиб

**22.** **Хели ҷумлаи пайравро муайян кунед:**

*Акнун фаҳмидам, ки осиёби инҳо аз кадом ҷӯй об гирифтааст. (Ҳ. Ирфон)*

A) ҷумлаи пайрави хабар
B) ҷумлаи пайрави мубтадо
C) ҷумлаи пайрави пуркунанда
D) ҷумлаи пайрави муайянкунанда

**23.** **Дар байти зерин Убайди Зоконӣ ба кадом асараш ишора намудааст:**

*Бихонам аз бароят достоне,*
*Ки дар маънои он ҳайрон бимонӣ!*

A) "Ахлоқ-ул-ашроф"
B) "Даҳ фасл"
C) "Рисолаи дилкушо"
D) "Муш ва гурба"

**24.** **Кадом асари Сотим Улуғзода доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абӯалӣ ибни Сино навишта шудааст?**

A) "Қисмати шоир"
B) "Пири ҳакимони машриқзамин"
C) "Ривояти суғдӣ"
D) "Ёрони боҳиммат"

**25.** **Маънои калимаҳои сутуни аввалро аз сутуни дуюм нишон диҳед:**

A) ман
B) шер
C) манъ
D) шеър

1) боздоштан аз коре ё чизе
2) нигаҳ доштан
3) ҳайвони дарранда
4) ҷонишини шахси якуми танҳо
5) шакли махсуси ифодаи фикр

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**26.** **Шумораи ҷамъи ин исмҳо бо кадом пасванд дуруст аст:**

A) қу
B) бибӣ
C) падар
D) нависанда

1) -ҳо
2) -он
3) -ён
4) -гон
5) -вон

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Шарҳи дурусти ибораҳои фразеологиро аз сутуни дуюм ёбед:**

A) ақли худро хӯрдан
B) аз худ рафтан
C) аз забон афтодан
D) ба девор гуфтан

1) беқадр шудан, аҳамиятро гум кардан
2) сухан ва муроҷиати беҳуда кардан
3) кореро фикр накарда иҷро кардан
4) мағрур шудан, ҳадди худро надонистан
5) бо касе аҳду паймон кардан

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28.** **Ибораҳои зерин ба кадом навъи он дохил мешаванд?**

A) зеби дасторхон
B) меҳрубон модар
C) пахта барин сафед
D) ба писар фармудан

1) вобастагии пешояндӣ
2) изофӣ
3) ҳамроҳӣ
4) фразеологӣ
5) вобастагии пасояндӣ

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Аломатҳое, ки дар сутуни чап дода шудаанд, хусусиятҳои кадом хели ҷумлаҳоянд?**

A) аз як сараъзо иборат аст
B) аз ду сараъзо иборат аст
C) аз ду ҷумлаи сода иборат аст
D) яке аз аъзоҳои ҷумла такрор шудааст

1) ҷумлаи омехта
2) ҷумлаи мураккаб
3) ҷумлаи содаи чидааъзо
4) ҷумлаи содаи яктаркиба
5) ҷумлаи содаи дутаркиба

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**30.** **Замони зиндагии адибони машҳури тоҷикро муайян намоед:**

A) Носири Хусрав
B) Умари Хайём
C) Камоли Хуҷандӣ
D) Абдураҳмони Ҷомӣ

1) асрҳои XI - XII
2) асри XIV
3) асри XI
4) асрҳои XII - XIII
5) асри XV

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 13

**1. Қатори кадоме аз ин ибораҳо беғалат навишта шудаанд?**

A) мавзӯи дарс, маҷмӯи ашъор
B) мавзуи дарс, маҷмуи ашъор
C) мавзуйи дарс, маҷмуйи ашор
D) мавзӯъи дарс, маҷмӯъи ашъор

**2. Имлои кадом калимаҳо ғалат аст?**

A) бибӣ, кабудӣ, расмӣ
B) агарчӣ, Наби, табии
C) биҳӣ, моҳӣ, ҳавлӣ
D) Сочи, такси, Тбилиси

**3. Аз ин байти рубоии Умари Хайём ҳамгуна (омоним)-ро нишон диҳед:**

*Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,*
*Дидӣ, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт?*

A) умр B) гӯр C) гуна D) ҳама

**4. Ҳангоми талаффузи калимаҳои *қулф, суфра* ва *чурғот* кадом ҳодисаи фонетикӣ мушоҳида мешавад?**

A) афтидани овозҳо
B) табдил ёфтани овозҳо
C) монанд шудани овозҳо
D) ҷой иваз кардани овозҳо

**5. Маънои кадом ибораи фразеологӣ *хурсанд шудан, фахр кардан* аст?**

A) аз худ рафтан
B) худро гум кардан
C) сар ба осмон расидан
D) ба сар бардоштан

**6. Мақолаи Садриддин Айнӣ *"Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷикон"* дар кадом услуб навишта шудааст?**

A) рӯзноманигорӣ B) расмӣ C) илмӣ D) бадеӣ

**7. Шуморае, ки дар ҷумлаи зерин истифода шудааст, аз рӯйи сохт ба кадом хели он дохил мешавад?**

*Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад, ... (Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ)*

A) сода B) сохта C) таркибӣ D) мураккаб

**8. Калимаҳои *зудтар, ногаҳон, хоксорона, оромона, пагоҳӣ, якбора* ва *базӯр-базӯр* кадом ҳиссаи нутқанд?**

A) исм B) зарф C) сифат D) сифати феълӣ

**9. Ҳиссачаи *"кошкӣ"* аз рӯйи маъно чӣ гуна аст?**

A) тасдиқӣ B) таъкидӣ C) орзумандӣ D) қувватдиҳанда

**10. Ба ҷойи сенуқта кадом пешояндро гузоштан дуруст аст?**

*Овозаи ин шоири забардаст ... Бухоро расидааст.*

A) бар B) то C) дар D) аз

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**11.** ***“Садбарги сафеди саҳарӣ”* кадом воҳиди забон аст?**

A) ибора B) ҷумла C) калимаи таркибӣ D) калимаи мураккаб

**12.** ***“Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ!”* ба кадоме аз ин хели ҷумлаҳо мансуб аст?**

A) ҷумлаи бешахс
B) ҷумлаи муайяншахс
C) ҷумлаи умумишахс
D) ҷумлаи номуайяншахс

**13. Кадом ҷумла нутқи айнан нақлшуда аст?**

A) Нуралӣ гуфт, ки андак истед, ҳозир масъаларо маълум мекунам.
B) Норзода исроркунон гуфт, ки ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.
C) Абулқосими Фирдавсӣ гуфтааст, ки марди доно ҳамеша тавоност.
D) Акаам “говзӯр” аст, – гуфт ӯ, – ба ҳамин сабаб ба ӯ Маҳдуми Гав лақаб додаанд.

**14. Ба ҷойи сенуқта калимаеро интихоб намоед, ки овози талаффузнашаванда дорад: *“Яке аз ин ҷашнҳо ҷашни ... аст.”***

A) Сада B) Наврӯз C) Меҳргон D) Баҳман

**15. Ба ҷойи нуқтаҳо ибораи фразеологии мувофиқ гузошта, ҷумларо пурра намоед:** ***Мо аз ҳамин қадар роҳ хороҷот ва ташвиш кашида омада, магар ..., холӣ бармегардем? (С. Айнӣ)***

A) бо дасти кӯтоҳ
B) ду даст дар бинӣ
C) бо ду дасти адаб
D) бо дасту дили шуста

**16. Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

*Рӯзи 22-юми июн дар Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов намоишномаи “Гирдбод” баргузор мегардад. Дархостҳои гурӯҳӣ то рӯзи баргузории намоишнома қабул карда мешавад. (Маъмурият)*

A) илмӣ B) бадеӣ C) расмӣ D) рӯзноманигорӣ

**17. Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

*Дар сухан бо дӯстон оҳиста бош,*
*... надорад душмани хунхор гӯш. (Саъдии Шерозӣ)*

A) ки B) то C) гар D) чун

**18. Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

*Мардум ба ӯ ... менигаристанд.*

A) пеш-пеш
B) оҳиста-оҳиста
C) базӯр-базӯр
D) ҳайрон-ҳайрон

**19. Ба ҷойи сенуқта сиғаи феълии мувофиқро гузоред:**

*Аз роҳи дур омадам, ки шумоёнро хабар гирам ва алалхусус модарамро ...*

A) гуфтанӣ будам
B) диданӣ будам
C) хоҳиш карданӣ будам
D) суҳбат карданӣ будам

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**20.** **Ба ҷойи сенуқта ибораи ҳамроҳии мувофиқро гузоред:**

*... ...е, ки андар зиндагонист,*
*Накӯхоҳӣ, ба кас роҳатрасонист. (Носири Хусрав)*

**A)** ҳамон кор **B)** беҳин кор **C)** чунон кор **D)** беҳтарин кор

**21.** **Ҷумлаи содаро нишон диҳед:**

**A)** Вақт рафт, нақд рафт.
**B)** Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор.
**C)** Аз хурдон хато, аз бузургон ато.
**D)** Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

**22.** **Навъи ҷумлаи мураккабро муайян намоед:** *“Агарчи сухан зар аст, сукут гавҳар аст.”*

**A)** Ҷумлаи мураккаби тобеъ. **C)** Ҷумлаи мураккаби омехта.
**B)** Ҷумлаи мураккаби пайваст. **D)** Ҷумлаи мураккаби сертаркиб.

**23.** **Мувофиқи маълумоти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ кадом шоҳи пешдодӣ оини подшоҳиро асос гузоштааст?**

**A)** Каюмарс **B)** Ҳушанг **C)** Таҳмурас **D)** Ҷамшед

**24.** **Кадом асари Садриддин Айнӣ дар худшиносии миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои тоҷикон саҳми бузург дорад?**

**A)** “Ахгари инқилоб” **C)** “Намунаи адабиёти тоҷик”
**B)** “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” **D)** “Марши ҳуррият”

**25.** **Маънои калимаҳоро муайян намоед:**

**A)** дур **1)** дар, дарвоза
**B)** дур(р) **2)** гавҳар, марворид
**C)** дара **3)** масофа, фосилаи зиёди замонӣ ё маконӣ
**D)** дарра **4)** водии танги воқеъ дар байни ду кӯҳ
**5)** тасмаи чармии махсус, ки бо он гунаҳгоронро мезаданд

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**26.** **Маънои ибораҳои фразеологиро муайян кунед:**

**A)** пой канда шудан **1)** беҳол шудан, монда шудан
**B)** пой каҷ ниҳодан **2)** сарфи назар намудан; беқадру эътибор кардан
**C)** аз по афтодан **3)** фикр карда кор кардан
**D)** пушти по задан **4)** нодуруст кор кардан, хилофи қоида амал кардан
**5)** қатъ гардидани рафтуомад аз ҷое

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**27. Калимаҳои сутуни чапро хонда муайян кунед, ки пешвандҳо кадом ҳиссаи нутқ сохтаанд?**

| | |
|---|---|
| **A)** нодон | **1)** исм |
| **B)** дартоз | **2)** феъл |
| **C)** ҳамроҳ | **3)** зарф |
| **D)** фуромад | **4)** сифат |
| | **5)** ҷонишин |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**28. Ба ҷойи сенуқта (ба истисноиқавс) аз сутуни дуюм зарфҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ҷурҷонӣ аз камоли мондагӣ ... нафас мегирад. | **1)** базӯр-базӯр |
| **B)** Вера ва Шодигул … қадам монда рафтанд. | **2)** рӯз то рӯз |
| **C)** Ёдгор шунидаҳояшро ... ба Гулнор нақл кард. | **3)** ягон-ягон |
| **D)** Аз рӯйи гуфтаҳои онҳо муҳаббатам дар ҳаққи Аҳмадмахдум ... зиёдтар (...) мегардид. | **4)** шунидан замон |
| | **5)** оҳиста-оҳиста |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**29. Калимаю ибораҳои дар сутуни аввал овардашуда вазифаи кадом аъзои ҷумларо ичро кардаанд: *“Чапакзании колхозчиён ба ҳавои мусиқӣ ҳамроҳ шуд.” (С. Айнӣ)***

| | |
|---|---|
| **A)** Чапакзанӣ | **1)** ҳол |
| **B)** колхозчиён | **2)** хабар |
| **C)** ба ҳавои мусиқӣ | **3)** мубтадо |
| **D)** ҳамроҳ шуд | **4)** пуркунанда |
| | **5)** муайянкунанда |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**30. Ин байтҳо маҳсули эҷоди кадоме аз ин шоирон аст:**

| | |
|---|---|
| **A)** Садриддин Айнӣ | **1)** Туӣ имрӯзи ману фардоям,<br>Тоҷикистон, Тоҷикистон, Ватанам. |
| **B)** Абулқосим Лоҳутӣ | **2)** Эй ситамдидагон, эй асирон!<br>Вақти озодии мо расид. |
| **C)** Мирзо Турсунзода | **3)** Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман<br>Модар яктост, Тоҷикистон яктост! |
| **D)** Лоиқ Шералӣ | **4)** Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,<br>Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт. |
| | **5)** Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст,<br>Баҳри озодӣ ҷадал кун, бандагӣ даркор нест. |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

## Варианти 14

**1. Дар кадоме аз ин калимаҳо садоноки *ӣ* овози таркиби калима аст?**

A) биҳӣ, канӣ, киштӣ
B) бинӣ, гуфтӣ, дидӣ
C) амалӣ, ваҳшӣ, деҳқонӣ
D) ангурпарварӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ

**2. Дар ҷуфти кадоме аз ин калимаҳо ҳамсадоҳои ҷуфт кор фармуда шудаанд?**

A) бахт – саодат, дав – тоз, гир – дор
B) дон – нон, дор – нор, моҳ – коҳ
C) бар – пар, гар – кар, зар – сар
D) қалам – карам, девор – девол, раҳ – рах

**3. Мувофиқи қоидаи имло қатори кадоме аз ин калимаҳо дуруст навишта шудаанд?**

A) роҳ//ра, коҳ//ка, моҳ//ма
B) вақт//вахт, нақд//нахт, об//ов
C) тухм//тухум, фикр//фикир, шаҳр//шаҳар
D) китф//кифт, масҳӣ//маҳсӣ, суфра//сурфа

**4. Муродифҳои луғавиро нишон диҳед:**

A) васеъ, кушод, паҳн, фарох
B) ангур, анор, анҷир, олуча
C) барф, зимистон, шамол, ях
D) моҳ, осмон, офтоб, ситора

**5. Ибораи фразеологии *димоғ сӯхтан* чӣ маъно дорад?**

A) бемор шудан
B) табъ хира шудан
C) ба касе душманӣ кардан
D) бинии касе сӯхтан

**6. *Хислатнома* бо кадом услуб навишта мешавад?**

A) илмӣ
B) бадеӣ
C) расмию коргузорӣ
D) рӯзноманигорӣ

**7. Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз сифат ва исм сохта шудаанд?**

A) сартарош, хобухез, ошпаз
B) зебосанам, ҷавонзан, яккабоғ
C) даводав, кашокаш, пурсупос
D) модаркалон, падарарӯс, хушдоман

**8. Шумораҳои касриро нишон диҳед:**

A) дуто, сето, садто, ҳазорто
B) 5-ум, 10-ум, 20-ум, 30-юм
C) як-ду, ду-се, се-чор, сӣ-чил
D) чоряк, аз чаҳор як, шашяк, ҳафтяк

**9. *Хандида-хандида, рақскунон, ҷилвакунон* ба кадом гурӯҳи калимаҳо дохил мешаванд?**

A) зарф
B) масдар
C) феъли ҳол
D) сифати феълӣ

ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**10.** **Ибораи *“гул барин нозук”* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

A) бо алоқаи изофӣ
B) бо алоқаи ҳамроҳӣ
C) бо алоқаи вобастагии пешояндӣ
D) бо алоқаи вобастагии пасояндӣ

**11.** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

A) Майлаш, розӣ шуд Малик. (П. Толис)
B) Шукр, ҳарчи аз латтаи баста нишонае нест. (С. Айнӣ)
C) Биёед, эй рафиқон, дарс хонем, ... (С. Айнӣ)
D) Гуфтагӣ барин, духтарча муборак! (П. Толис)

**12.** **Кадом ҷумла пуркунандаи бавосита дорад?**

A) Ман **трактор** меронам.
B) Барои дӯстон **ҷонро** фидо кун, ...
C) Мо ин хабарро **аз одамон** фаҳмидаем.
D) **Пой**и мору **шир**и мурғу **нон**и мулло кас надид.

**13.** ***“Замин сахт – осмон баланд.”*** **чӣ гуна ҷумла аст?**

A) ҷумлаи содаи яктаркиба
B) ҷумлаи содаи дутаркиба
C) ҷумлаи мураккаби тобеъ
D) ҷумлаи мураккаби пайваст

**14.** **Дар ҷумлаи зерин калимаи *“халоскор”*-ро бо ҳаммаъноҳои мувофиқаш иваз намоед:**

***Оммаи дӯстдорони Муқаннаъ ӯро халоскори худ медонистанд . (С. Айнӣ)***

A) тасаллодиҳанда, оромбахш
B) наҷотбахш, озодкунанда
C) роҳбар, саркарда
D) саркор, сардор

**15.** **Ба ҷойи сенуқта ибораи фразеологии мувофиқ гузоред:**

***Раҳматҷон аз ҳарсола дида серкору серғайрат буд. Вай ... ба саҳро мерафт. (С. Айнӣ)***

A) чашми рӯз накафида
B) чашмаш кушода нашуда
C) чашмаш ба роҳ чор шуда
D) чашмаш мисли мош кушода шуда

**16.** **Муайян кунед, ки матни зерин ба кадом услуби забон дахл дорад: *“Хусрави Парвизи Анушервон аз соли 2010 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4 таҳсил мекунад. Дар ин муддат худро ҳамчун хонандаи фаъол ва пешқадам нишон дод...”***

A) расмию коргузорӣ
B) рӯзноманигорӣ
C) илмӣ
D) бадеӣ

**17.** **Ба ҷойи нуқтаҳо сифати феълии замони гузаштаро гузоред:**

***Байти як бор ...-ро дубора хондан даруст нест. (С. Айнӣ)***

A) мехондагӣ
B) хонда мешудагӣ
C) хондашуда
D) хондашаванда

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**18.** **Ба ҷойи хабари ҷумла замони ҳозира-ояндаи сиғаи эҳтимолиро гузоред:**

*Онҳо низ китобҳои худро ба китобхона ... .*

A) супоранд
B) месупоранд
C) супоридагистанд
D) месупоридагистанд

**19.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаки мувофиқро гузоред:**

*Ман аз ӯ шарм медоштам, ... аз хонаи ӯ бе рухсат гурехта будам. (С. Айнӣ)*

A) чунки
B) чунонки
C) азбаски
D) вақте ки

**20.** **Ба ҷумлаи зерин хабари мувофиқ интихоб намоед:**

*Чӯпонбачагон ..., оҳубаррагон ... . (С. Айнӣ)*

A) дар давидан, дар рамидан
B) дар рамидан, дар давидан
C) дар давидан, дар паридан
D) дар паридан, дар ҷаҳидан

**21.** **Хели ҷумлаи пайрави зеринро муайян намоед:** *Аз ту хоҳиш мекунам, ки на худатро дар азоб монон ва на маро. (Ҳаким Карим)*

A) Ҷумлаи пайрави хабар.
B) Ҷумлаи пайрави мубтадо.
C) Ҷумлаи пайрави пуркунанда.
D) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда.

**22.** **Ҷумларо пурра кунед, ки хабар аз рӯйи замон ба мубтадо мувофиқат намояд:**

*Соли 1980 дар мавзеи Қарияи Болои шаҳри Душанбе муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино …*

A) қомат меафрохт
B) қомат афрохт
C) қомат меафрохтааст
D) қомат хоҳад афрохт

**23.** **Мувофиқи маълумоти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ оини Наврӯзро кадом шоҳи пешдодӣ бунёд ниҳод?**

A) Каюмарс
B) Ҳушанг
C) Таҳмурас
D) Ҷамшед

**24.** **Сухани Садриддин Айнӣ дар бораи кадом адиб аст?**
*“Сазовор аст, ки таърих ба ... хитоби “Адиби Сурх”-ро бахш намояд.”*

A) Абулқосим Лоҳутӣ
B) Пайрав Сулаймонӣ
C) Ҳабиб Юсуфӣ
D) Ҳаким Карим

**25.** **Ба ҳарфҳои аввали калимаҳои додашуда диққат дода, ҳамсадоҳои ҷуфтро муайян намоед:**

A) чанг
B) забт
C) коҳ
D) дор

1) ҷоҳ
2) сар
3) гов
4) тир
5) ғор

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**26.** **Ҷуфтҳои синонимиро муайян намоед:**

A) аҳду
B) кайфу
C) фикру
D) шавқу

1) хаёл
2) ҳавас
3) вафо
4) сафо
5) ҷафо

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**27.** **Маънои иборахо (таъбирҳо)-и сутуни чапро аз сутуни рост муайян намоед:**

A) майна об кардан
B) об карда хӯрдан
C) дасту по хӯрдан
D) гӯл задан

1) саросема шудан, худро гум кардан
2) фирефтан, фиреб додан
3) дар бораи чизе хуб фикр кардан
4) чизеро гум кардан, аз даст додан
5) чизеро хуб ва ҳаматарафа донистан

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**28.** **Калимаҳои додашуда кадом ҳиссаи нутқанд?**

A) эй, ҳмм, оҳ, ваҳ, ҳой
B) барин, катӣ, қатӣ, -ро
C) ана, оре, бале, мабодо, оё
D) барқвор, ночор, рӯякӣ, якбора

1) нидо
2) зарф
3) пасоянд
4) ҳиссача
5) пешоянд

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**29.** **Калимаҳои додашуда ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд:**
***"Дар майдони бозори гӯсфанди Ғиждувон каси бисёр ҷамъ шуда буд." (С.Айнӣ)*?**

A) кас
B) бисёр
C) дар майдон
D) ҷамъ шуда буд

1) ҳол
2) хабар
3) мубтадо
4) пуркунанда
5) муайянкунанда

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**30.** **Муайян намоед, ки байтҳои зеринро кӣ гуфтааст?**

A) Рӯзе, ки гузаштааст, аз ӯ ёд макун,
Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.

B) Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.

C) Ба пирӣ хидмати модар – падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.

D) То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

1) Низомии Ганҷавӣ
2) Носири Хусрав
3) Саъдии Шерозӣ
4) Бадриддини Ҳилолӣ
5) Умари Хайём

Ҷавоб:

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 15

**1. Навишти кадоме аз ин калимаҳо аз рӯйи қоидаи имло нест?**

A) дӯз, мӯза, сӯз, сӯзан
B) арӯс, мавзӯъ, рӯфтан, хӯр
C) бухтон, мухра, тухмат, шухрат
D) абрӯ, мӯҳсин, мӯҳтарам, сӯҳбат

**2. Дар байти зерин кадом калима ғалат навишта шудааст?**

*Шод зи бо сияҳчашмон, шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод! (Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)*

A) зи
B) ҷуз
C) фасона
D) сияҳчашмон

**3. Ҳангоми талаффузи калимаҳои *аҷдод - аждод, иҷтимоӣ - иштимоӣ* кадом ҳодисаи фонетикӣ мушоҳида мешавад?**

A) афтидани овозҳо
B) табдил ёфтани овозҳо
C) монанд шудани овозҳо
D) ҷой иваз кардани овозҳо

**4. Ҳаммаънои истилоҳи *тавсифнома* кадом аст?**

A) боварнома
B) даъватнома
C) хислатнома
D) тасдиқнома

**5. Маънои кадом ибораи фразеологӣ *сухани касеро нагардонидан* аст?**

A) якро сад накардан
B) ба як пул нагирифтан
C) якдилу якҷон шудан
D) як гапро ду накардан

**6. Тавсифнома ва тавсиянома дар кадом услуб навишта мешаванд?**

A) бадеӣ
B) илмӣ
C) расмӣ
D) рӯзноманигорӣ

**7. Исмҳои мураккаберо, ки аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл сохта шудаанд, нишон диҳед:**

A) тохтутоз, ҷастухез, шиштухез
B) пурсуков, равуо, давутоз
C) сартарош, хандохханд, дилбазан
D) рафтуомад, шикастурехт, задухӯрд

**8. Қатори кадоме аз ин сифатҳо аз ду исм сохта шудаанд?**

A) пурзӯр, хушгувор
B) тобдор, ширмол
C) қадбаланд, хушбӯй
D) раҳмдил, соҳибҷамол

**9. Шумораҳоро нишон диҳед:**

A) даҳа, сада, ҳафта, чилла
B) даҳто, садто, ҳафтто, чилто
C) даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ, даҳҳазорӣ
D) чорӣ, чиллагӣ, панҷӣ, як ба як

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**10.** ***“Ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ, ки барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони гуногун хизмат мекунад,...”*** **чӣ гуна калимаҳоянд?**

A) нидо B) ҳиссача C) пасоянд D) пешоянд

**11.** ***“Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно, ки бо якдигар алоқаманд гардида, мафҳуми мураккабро ифода мекунад,...”*** **чӣ ном доранд?**

A) ҷумла B) ибора C) калима D) таркиб

**12.** **Ҷумлаи зерин аз рӯйи ифодаи мақсад ба кадом хели он дохил мешавад?**
*Магар худи ҳамин як ҷаҳон лаззат намедиҳад (С. Айнӣ)*

A) амрӣ B) хитобӣ C) саволӣ D) ҳикоягӣ

**13.** **Ба таркиби ҷумлаи зерин диққат диҳед ва ишора намоед, ки кадоме аз ин ҷавобҳо дуруст аст:** ***“Шамоли сахт вазид.”***

A) ҷумлаи содаи хуллас
B) ҷумлаи содаи тафсилӣ
C) ҷумлаи содаи яктаркибаи тафсилӣ
D) ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ

**14.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо муродифҳои луғавии мувофиқро гузоред:** ***“Назар ба гуфтаи падарам дар ҳафт иқлим аз Сир ...тар дарё набудааст ва он чунон ... будааст, ки агар дар ин лаби дарё фарёд зананд, дар он лабаш шунида намешудааст.” (С. Улуғзода)***

A) калон, бузург
B) бузург, азим
C) калон, аъзам
D) кабир, азим

**15.** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои зидмаънои мувофиқро гузошта, зарбулмасалро пурра кунед:** ***“Ақл агар ... бувад, дидаи ... чӣ суд?”***

A) торик, равшан B) кӯр, бино C) рӯшан, хира D) носолим, солим

**16.** **Муайян намоед, ки матни зерин дар кадом услуби баён навишта шудааст?**
*Миқдори панҷ соат дар болои ароба нишаста мондам ва дар ин шаб чандон барф меомад, ки ман чун қуллае аз барф шуда, саропо бо барф пӯшида шуда будам. (Аҳмадмахдуми Дониш)*

A) илмӣ B) расмӣ C) бадеӣ D) рӯзноманигорӣ

**17.** **Муайян кунед, ки пешоянди** *бо* **дар ҷумлаи зерин муродифи кадом пасоянд аст:** *Дар вақтҳои барфборӣ бомҳои ин ҳавлии калонро бо саис ман мерӯфтам. (С. Айнӣ)*

A) -ро B) боз C) қатӣ D) барин

**18.** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои сиғаи эҳтимолӣ гузоред:**
*Бечора, балки ин модар ..., ки вай ҳам ман барин муштипар ва барҷомонда ... . (Ҳаким Карим)*

A) доштагист, будагист
B) будагист, доштагист
C) дорад, бошад
D) бошад, бошад

ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!
Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**19.** **Ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқро гузошта, зарбулмасалро пурра кунед:**

*Забони ... сари ... медиҳад барбод.*

**A)** бурро, холӣ **B)** тез, солим **C)** дароз, ҷавон **D)** сурх, сабз

**20.** **Қисми дуюми ҷумлаи мураккаби пайвастро дуруст муайян намоед:**

*Аввал гиребони худ бибӯй, ...*

**A)** аммо айби дигарон маҷӯй.
**B)** баъд айби дигарон биҷӯй.
**C)** баъд гиребони дигарон бибӯй.
**D)** баъд дар бораи дигарон бигӯй.

**21.** **Хели ҷумлаи пайравро муайян кунед:**

*"Агар сесад забон донӣ, фузун нест,..." (С. Аҷзӣ)*

**A)** Ҷумлаи пайрави шарт. **C)** Ҷумлаи пайрави монандӣ.
**B)** Ҷумлаи пайрави хилоф. **D)** Ҷумлаи пайрави тарзи амал.

**22.** **Ҷумларо аз рӯйи мазмун пурра кунед:**

*Мирзо Турсунзода дар дили мо ҳамеша зинда аст. Ашъори ӯ чун таронаи фаромӯшнашаванда ...*

**A)** дар гӯши мо садо медиҳад.
**B)** на ҳар кас фаҳмида метавонад.
**C)** халқҳои ҷаҳон устоди худ меномиданд.
**D)** дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон мешинохтанд.

**23.** **Кадом асари фалсафии Абдулқодири Бедил масъалаҳои муҳими ирфонӣ, адолат, дӯстӣ, аҳду вафо ва ишқи покро фаро гирифтааст?**

**A)** "Тилисми ҳайрат" **C)** "Ирфон"
**B)** "Муҳити аъзам" **D)** "Тури маърифат"

**24.** **Садриддин Айнӣ дар "Ёддоштҳо" дар боби "Одами аҷиб" симои кадом адибро муфассал тасвир намудааст?**

**A)** Аҳмади Дониш **C)** Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат
**B)** Абдулвоҳиди Мунзим **D)** Шарифҷонмахдуми Садри Зиё

**25.** **Вазифаи ҳарфи *ӣ*-ро дар калимаҳои сутуни чап муайян намоед:**

**A)** одӣ
**B)** тиббӣ
**C)** омадӣ
**D)** одамӣ

**1)** бандаки феълӣ
**2)** пасванди исмсоз
**3)** пасванди зарфсоз
**4)** пасванди сифатсоз
**5)** овози таркиби калима

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**26.** **Нишонаҳои зерин (дар сутуни чап) ба кадом услуби забон мувофиқ аст?**

A) кору бори ҳамарӯзаи одамон
B) сабти маҷмӯи донишҳои ягон соҳа, техника, кашфиёт
C) номанигорӣ, гузориш, сурати маҷлис, пайнавишт, тилгиром, паймонномa
D) аз рӯйдодҳои рӯзмарраи ҳаёти сиёсии кишвар иттилоъ додан, таъсир расонидан ба афкори омма

1) илмӣ
2) расмӣ
3) бадеӣ
4) гуфтугӯйӣ
5) рӯзноманигорӣ

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**27.** **Маънои маҷозии калимаҳоро дар ибораҳои сутуни чап муайян намоед:**

A) чашм давондан
B) чашм парондан
C) чашм канда шудан
D) чашм пӯшида гузаштан

1) имову ишора кардан
2) чизеро аз назар гузаронидан
3) ба касе бо диққат ва бо муҳаббат нигаристан
4) роҳи касеро поидан, касеро сахт интизорӣ кашидан
5) чизеро сарфи назар кардан, нодида гирифтан

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**28.** **Дар ҷумлаҳои зерин ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқро гузоред:**

A) ..., галабон беадабӣ карда бошад ҳам, шумо гузашт кунед Мирзо. (С. Улуғзода)
B) ..., хайрият, ки ҳақиқат ошкор шуд. (С. Улуғзода)
C) ..., Восеъ! Ин чӣ масхарагӣ аст, ки ин мардум мекунанд?! – бонг зад Ҳоҷӣ Яъқуб. (С. Улуғзода)
D) ...! Шакар ба даҳонат! Доди суханварӣ додӣ! (С. Улуғзода)

1) Ҳой
2) Хайр
3) Аҳсант
4) Вой-вой
5) Бай-бай

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**29.** **Калимаю ибораҳои овардашуда (сутуни чап) ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд:** ***“Ману шумо ин рӯзи фирӯзро мебинем.” (Р. Ҷалил)***

**A)** Ману шумо
**B)** ин рӯзро
**C)** фирӯз
**D)** мебинем

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**30.** **Маълумоти дар ду сутун додашударо чунон ба ҳам пайваст намоед, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Муъмин Қаноат матни мухтасар ҳосил шавад:**

**A)** Муъмин Қаноат дар деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаи Хумби ВМКБ
**B)** Соли 1977 раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд ва
**C)** Соли 1980 ба муносибати 1000-солагии мутафаккири бузурги тоҷик
**D)** Муъмин Қаноат барои ин асар

**1)** достони “Гаҳвораи Сино”-ро навишааст.
**2)** Лауреати мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ гардидааст.
**3)** солҳои зиёде сарвари он буд.
**4)** дар маҷаллаи “Садои Шарқ” кору фаъолият намудааст.
**5)** дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст.

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

# КАЛИДҲОИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ ТЕСТ

## Варианти 1

| | |
|---|---|
| 1. | D |
| 2. | B |
| 3. | A |
| 4. | C |
| 5. | A |
| 6. | D |
| 7. | C |
| 8. | D |
| 9. | B |
| 10. | C |
| 11. | A |
| 12. | B |

| | |
|---|---|
| 13. | C |
| 14. | D |
| 15. | C |
| 16. | B |
| 17. | C |
| 18. | D |
| 19. | B |
| 20. | A |
| 21. | C |
| 22. | D |
| 23. | B |
| 24. | D |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 5 |
| | B | 1 |
| | C | 4 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 4 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 3 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 4 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 1 |
| | B | 4 |
| | C | 3 |
| | D | 5 |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## Варианти 2

| | |
|---|---|
| 1. | B |
| 2. | C |
| 3. | A |
| 4. | B |
| 5. | D |
| 6. | A |
| 7. | B |
| 8. | B |
| 9. | C |
| 10. | A |
| 11. | D |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | A |
| 14. | B |
| 15. | A |
| 16. | C |
| 17. | D |
| 18. | B |
| 19. | D |
| 20. | C |
| 21. | A |
| 22. | B |
| 23. | B |
| 24. | D |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 3 |
| | B | 1 |
| | C | 4 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 5 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 2 |
| | B | 1 |
| | C | 5 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 3 |
| | D | 4 |

## Варианти 3

| | |
|---|---|
| 1. | B |
| 2. | C |
| 3. | B |
| 4. | A |
| 5. | C |
| 6. | A |
| 7. | A |
| 8. | B |
| 9. | C |
| 10. | A |
| 11. | D |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | D |
| 14. | B |
| 15. | D |
| 16. | C |
| 17. | B |
| 18. | A |
| 19. | A |
| 20. | C |
| 21. | B |
| 22. | B |
| 23. | D |
| 24. | C |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 5 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 4 |
| | B | 2 |
| | C | 1 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 5 |
| | B | 4 |
| | C | 3 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 2 |
| | B | 1 |
| | C | 4 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 4 |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## Варианти 4

| | |
|---|---|
| 1. | A |
| 2. | C |
| 3. | B |
| 4. | A |
| 5. | A |
| 6. | C |
| 7. | D |
| 8. | B |
| 9. | A |
| 10. | D |
| 11. | A |
| 12. | B |

| | |
|---|---|
| 13. | C |
| 14. | D |
| 15. | A |
| 16. | D |
| 17. | C |
| 18. | B |
| 19. | A |
| 20. | D |
| 21. | B |
| 22. | C |
| 23. | A |
| 24. | D |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 4 |
| | B | 1 |
| | C | 5 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 4 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 1 |
| | B | 3 |
| | C | 2 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 3 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 4 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

**ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!**

## Варианти 5

| | |
|---|---|
| 1. | C |
| 2. | B |
| 3. | C |
| 4. | B |
| 5. | A |
| 6. | A |
| 7. | D |
| 8. | B |
| 9. | B |
| 10. | B |
| 11. | C |
| 12. | D |

| | |
|---|---|
| 13. | A |
| 14. | D |
| 15. | C |
| 16. | B |
| 17. | B |
| 18. | A |
| 19. | B |
| 20. | D |
| 21. | C |
| 22. | D |
| 23. | D |
| 24. | C |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 4 |
| | B | 1 |
| | C | 3 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 3 |
| | B | 2 |
| | C | 4 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 5 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 4 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 2 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 1 |

Аз РОЙГОН! сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 6

| | |
|---|---|
| 1. | D |
| 2. | B |
| 3. | C |
| 4. | D |
| 5. | A |
| 6. | C |
| 7. | B |
| 8. | D |
| 9. | B |
| 10. | D |
| 11. | D |
| 12. | A |

| | |
|---|---|
| 13. | C |
| 14. | D |
| 15. | C |
| 16. | C |
| 17. | A |
| 18. | B |
| 19. | D |
| 20. | A |
| 21. | D |
| 22. | A |
| 23. | D |
| 24. | C |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 2 |
| | B | 4 |
| | C | 5 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 4 |
| | B | 5 |
| | C | 3 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 5 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 2 |
| | B | 1 |
| | C | 4 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 4 |
| | D | 2 |

## Варианти 7

| | |
|---|---|
| 1. | C |
| 2. | B |
| 3. | C |
| 4. | A |
| 5. | D |
| 6. | C |
| 7. | C |
| 8. | D |
| 9. | C |
| 10. | B |
| 11. | D |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | B |
| 14. | C |
| 15. | A |
| 16. | D |
| 17. | B |
| 18. | D |
| 19. | C |
| 20. | D |
| 21. | B |
| 22. | A |
| 23. | B |
| 24. | A |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 3 |
| | B | 1 |
| | C | 5 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 1 |
| | B | 3 |
| | C | 2 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 2 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 2 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 3 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 5 |
| | B | 4 |
| | C | 3 |
| | D | 2 |

ДАР РОЙГОН! Аз сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 8

| | |
|---|---|
| 1. | C |
| 2. | B |
| 3. | D |
| 4. | C |
| 5. | A |
| 6. | C |
| 7. | D |
| 8. | A |
| 9. | B |
| 10. | A |
| 11. | B |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | B |
| 14. | C |
| 15. | A |
| 16. | D |
| 17. | B |
| 18. | C |
| 19. | B |
| 20. | C |
| 21. | D |
| 22. | A |
| 23. | D |
| 24. | B |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 4 |
| | B | 2 |
| | C | 1 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 4 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 5 |
| | B | 4 |
| | C | 3 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 2 |
| | B | 1 |
| | C | 5 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 4 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 5 |

## Варианти 9

| | | | |
|---|---|---|---|
| **1.** | B | **13.** | D |
| **2.** | D | **14.** | A |
| **3.** | C | **15.** | D |
| **4.** | B | **16.** | C |
| **5.** | A | **17.** | B |
| **6.** | D | **18.** | A |
| **7.** | C | **19.** | C |
| **8.** | A | **20.** | B |
| **9.** | B | **21.** | D |
| **10.** | A | **22.** | C |
| **11.** | B | **23.** | D |
| **12.** | C | **24.** | B |

| | | |
|---|---|---|
| **25.** | A | 5 |
| | B | 1 |
| | C | 4 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| **26.** | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| **27.** | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| **28.** | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 4 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| **29.** | A | 1 |
| | B | 3 |
| | C | 5 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| **30.** | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 4 |

## Варианти 10

| | | | |
|---|---|---|---|
| **1.** | B | **13.** | C |
| **2.** | A | **14.** | B |
| **3.** | C | **15.** | A |
| **4.** | D | **16.** | D |
| **5.** | B | **17.** | B |
| **6.** | C | **18.** | C |
| **7.** | B | **19.** | D |
| **8.** | A | **20.** | B |
| **9.** | D | **21.** | B |
| **10.** | C | **22.** | A |
| **11.** | B | **23.** | C |
| **12.** | D | **24.** | B |

| | | |
|---|---|---|
| **25.** | A | 5 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| **26.** | A | 3 |
| | B | 2 |
| | C | 1 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| **27.** | A | 2 |
| | B | 4 |
| | C | 5 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| **28.** | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| **29.** | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| **30.** | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 1 |

**ДИҚҚАТ! Намунаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А) аз сомонаи www.ntc.tj ройгон аст!**

## Варианти 11

| | |
|---|---|
| 1. | D |
| 2. | B |
| 3. | D |
| 4. | A |
| 5. | D |
| 6. | C |
| 7. | C |
| 8. | C |
| 9. | B |
| 10. | D |
| 11. | B |
| 12. | A |

| | |
|---|---|
| 13. | B |
| 14. | C |
| 15. | D |
| 16. | D |
| 17. | A |
| 18. | B |
| 19. | A |
| 20. | D |
| 21. | A |
| 22. | C |
| 23. | D |
| 24. | B |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 2 |
| | B | 5 |
| | C | 4 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 2 |
| | B | 5 |
| | C | 3 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 4 |
| | B | 3 |
| | C | 2 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 4 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

Д... РОЙГОН! ...р сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 12

| | |
|---|---|
| 1. | D |
| 2. | A |
| 3. | C |
| 4. | B |
| 5. | D |
| 6. | B |
| 7. | A |
| 8. | C |
| 9. | A |
| 10. | A |
| 11. | D |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | D |
| 14. | C |
| 15. | D |
| 16. | B |
| 17. | C |
| 18. | B |
| 19. | A |
| 20. | C |
| 21. | A |
| 22. | C |
| 23. | D |
| 24. | B |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 4 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 2 |
| | B | 3 |
| | C | 5 |
| | D | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 2 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 4 |
| | B | 5 |
| | C | 2 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 3 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 5 |

## Варианти 13

| | |
|---|---|
| 1. | A |
| 2. | B |
| 3. | B |
| 4. | D |
| 5. | C |
| 6. | A |
| 7. | A |
| 8. | B |
| 9. | C |
| 10. | B |
| 11. | A |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | D |
| 14. | C |
| 15. | B |
| 16. | C |
| 17. | B |
| 18. | D |
| 19. | B |
| 20. | B |
| 21. | D |
| 22. | A |
| 23. | A |
| 24. | C |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 3 |
| | B | 2 |
| | C | 4 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 5 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 4 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 1 |
| | B | 5 |
| | C | 3 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 4 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 2 |
| | B | 5 |
| | C | 4 |
| | D | 3 |

Дар РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## Варианти 14

| | |
|---|---|
| 1. | A |
| 2. | C |
| 3. | D |
| 4. | A |
| 5. | B |
| 6. | C |
| 7. | B |
| 8. | D |
| 9. | C |
| 10. | D |
| 11. | C |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | D |
| 14. | B |
| 15. | A |
| 16. | A |
| 17. | C |
| 18. | D |
| 19. | A |
| 20. | A |
| 21. | C |
| 22. | B |
| 23. | D |
| 24. | A |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 1 |
| | B | 2 |
| | C | 3 |
| | D | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 1 |
| | B | 3 |
| | C | 4 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 3 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 5 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 3 |

## Варианти 15

| | |
|---|---|
| 1. | D |
| 2. | A |
| 3. | B |
| 4. | C |
| 5. | D |
| 6. | C |
| 7. | A |
| 8. | D |
| 9. | B |
| 10. | A |
| 11. | B |
| 12. | C |

| | |
|---|---|
| 13. | D |
| 14. | A |
| 15. | B |
| 16. | C |
| 17. | C |
| 18. | A |
| 19. | D |
| 20. | B |
| 21. | A |
| 22. | A |
| 23. | C |
| 24. | A |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | A | 5 |
| | B | 4 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 26. | A | 4 |
| | B | 1 |
| | C | 2 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 27. | A | 2 |
| | B | 1 |
| | C | 4 |
| | D | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 28. | A | 2 |
| | B | 5 |
| | C | 1 |
| | D | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 29. | A | 3 |
| | B | 4 |
| | C | 5 |
| | D | 2 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | A | 5 |
| | B | 3 |
| | C | 1 |
| | D | 2 |

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj